# НАВРӮЗИ ОЛАМАФРӮЗ ХУҶАСТА БОД!


ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 3-4 (183-184) 18-УМИ МАРТИ СОЛИ 2023, ШАНБЕ


Қавмҳои ориёӣ Наврӯзро ҳанӯз дар ҳазорсолаи панҷуми пеш аз милод – дар аҳди сулолаи Пешдодиён бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн мегирифтанд.

Наврӯз – ин маҷмуаи маънавии неку созанда – се ҳазор сол пеш аз пайдоиши дини зардуштӣ ва чоруним ҳазор сол қабл аз зуҳури дини мубини ислом ба вуҷуд омадааст ва тибқи маълумоти сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ҳанӯз дар ҳамон давраҳои бостон дар қаламрави зисти қавму халқиятҳои гуногун таҷлил мегардидааст.

Нуктаи муҳимтарин дар таърихи пайдоиш ва паҳншавии Наврӯз ин аст, ки фалсафа, ҳикмат ва мантиқи он бо ягон дин ё мазҳаб робитае надорад ва ойини сирф мардумӣ, баробар ба ҳама, ҷашни бузургдошти табиат ва киштукор, яъне саршавии сол мебошад.









Дар ҳақиқат, матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд. Онҳо хусусан дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошанд.

Манфиатҳои миллӣ ва суботу оромии ҷомеа тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бошанд, балки дар муборизаи иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус, амнияти давлат ва ҷомеа хизмат кунанд.

Эмомалӣ РАҲМОН

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, декани
факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид
ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
Ёрдамчии Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба масъалаҳои рушди
иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа,
профессори кафедраи
назария ва таърихи давлат
ва ҳуқуқ, узви вобастаи
АМИТ;
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси
Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, ректори ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи гражданӣ,
академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷорат, узви вобастаи
АМИТ.

**ШАРТҲОИ**
**ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда
намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times
New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ
шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи
муаллифон мувофиқ аст ва ақо-
иди мухталифро ба хотири риояи
чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳан-
ги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-
уми марти соли 2016 ба қайд
гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе,
Буни Ҳисорак, шаҳраки
Донишҷӯён, факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ БИНОИ ЛИТСЕЙИ РАВИЯИ ТАБИИЮ РИЁЗӢ

**Санаи 13 март дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ биноi нави Литсейи равияи табиию риёзии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Биноi нави замонавӣ аз чор ошёна иборат буда, барои 1280 нафар хонанда пешбинӣ гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити фароҳамовардашуда шинос гардида, барои баланд бардоштани савияи донишу корбарии дуруст бо хонандагон ба масъулин маслиҳатҳои муфид доданд.

Иттилоъ дода шуд, ки иншооти мазкур дорои 47 синфхонаи замонавию барҳаво буда, барои таълиму тарбияи хонандагон





синфхонаҳо бо тамоми аёниятҳои дарсӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.

Бунёди биноi нави Литсейи равияи таббиию риёзӣ аз ҷумлаи тадбирҳои вобаста ба татбиқи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” маҳсуб гардида, ба ин васила, дар Литсей барои азбаркунии ҳамаҷонибаи илмҳои табиию риёзӣ имконияти мусоид фароҳам оварда шуд.

Бояд қайд кард, ки иншоот бо санъати баланд бунёд гардида, дорои роҳравҳои барҳаво ва ороишоти зебову муосир мебошад. Таъмини гармӣ дар бино тариқи дегхонаи алоҳида роҳандозӣ гардидааст.

Зимни боздид Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, иқдоми соҳибкорро намунаи ибрат ва қобили дастгирӣ арзёбӣ намуданд.




# ИШТИРОК ДАР ҶАМЪОМАДИ АССОТСИАТСИЯИ ДОНИШГОҲҲОИ АВРУОСИЁ

2 марти соли 2023 дар Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов XV съезди Ассотсиатсияи донишгоҳҳои АвруОсиё баргузор гардид, ки дар кори он ректори ДМТ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар ҷамъомади мазкур масоили марбут ба самтҳои рушди Ассотсиатсия, қабули аъзоёни нав аз минтақаи АвруОсиё, алалхусус, мубодилаи таҷриба оид ба кор бо муҳассилини боистеъдод дар бахши методикаи таълим ва амалигардонии лоиҳаҳои муштарак баррасӣ шуда, қарорҳои дахлдор қабул шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар ин ҷаласа аз 18 давлати дунё намояндагони 123 донишгоҳ ва 457 намоянда аз донишгоҳҳои Федератсия Россия ширкат намуданд.

Дар ҷараёни Анҷумани XV Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Авруосиё ДМТ ҳамчун муассисаи пешсаф муаррифӣ гардида, дар натиҷаи овоздиҳӣ ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ба ҳайси ноиби Президенти Ассотсиатсияи донишгоҳҳои АвруОсиё интихоб гардид.

**Садорат, ҳайати таҳририяи нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос», устодон, кормандон ва донишҷӯёни факултет профессор Хушвахтзода Қ.Х.-ро барои интихоб шудан ба ҳайси ноиби Президенти Ассотсиатсияи донишгоҳҳои АвруОсиё табрику таҳният гуфта, дар фаъолияти минбаъдаи эшон муваффақияту комёбиҳои беназирро таманно доранд.**

# ИСТИҚБОЛИ МЕҲМОНОН АЗ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН



Дар доираи ҳамкориҳои муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон Форуми ректорони донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия ҳамчун асоси рушди иқтисодиёти миллӣ” дар заминаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Санаи 13 марти соли 2023 дар фазои дӯстона меҳмононро аз Ҷумҳурии Узбекистон тахти роҳбарии Вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияи Ҷумҳурии Узбекистон Абдураҳмонов И.Ю. намояндагони дипломатии Тоҷикистон, масъулини Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутасаддиёни Донишгоҳи миллӣ самимона истиқбол гирифтанд.

Меҳмонони оликадр ба Шаҳраки донишҷӯёни Донишгоҳи миллӣ ташриф оварда, аз Осорхона ва Маркази илмӣ-таҳқиқотии Пешвои миллат боздид намуданд.

Меҳмононро муовини якуми вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Ҷамшед Ҷӯразода ва ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор Хушвахтзода Қобилҷон ҳамроҳӣ намуданд. Ба меҳмонон маҷмуи экспонатҳои Осорхона ва фаъолияти Маркази илмӣ-таҳқиқотии Пешвои миллатро декани факултети таърих, доктори илмҳои таърих, профессор Шарифов Раҳмоналӣ муаррифӣ намуд.

Дар охир, меҳмононро ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт хайрамақдам гуфта, аз ҳамкории судманди муассисаҳои олии таълимии ҳамсоякишвар изҳори сипос намуд.



# БЕҲТАРИН МАҚОЛАИ ИЛМӢ-2023



5 марти соли 2023 дар шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон байни кишварҳои узви ИДМ озмуни байналмилалии “Беҳтарин мақолаи илмӣ-2023” баргузор гардид.

Дар озмуни байналмилалӣ ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Зиёвадинов Исломҷон ширкат намуд. Мақолаи илмии пешниҳодгардидаи ӯ зери унвони «Ҳимояи ҳуқуқи инсон зимни низоъҳои мусаллаҳона» миёни 8 ҳазор иштирокчӣ сазовори мақоми ифтихорӣ гардида, муаллиф бо шаҳодатнома ва медали сарисинагӣ қадрдонӣ карда шуд.

**Масъули саҳифа**
**Бурҳоналӣ ШЕРЗОДА**

# 10-СОЛАГИИ ТАЪСИСЁБИИ НАШРИЯИ «МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС» МУБОРАК!



Эмомалӣ НАСРИДДИНЗОДА
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, узви вобастаи АМИТ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд, ки мардуми тоҷик аз давраҳои бостон то ба имрӯз ба қадри илму дониш ва мактабу маориф расида, ба он ҳамчун манбаи ташаккулдиҳандаи арзишҳои маънавии ҳаёти инсон арҷ мегузоранд ва ба ҳайси миллати соҳибтамаддун дар ҳар давру замон омӯхтани илму донишро яке аз шартҳои асосии рушди маънавиёти инсон медонистанд.

Устодони гиромӣ ва шогирдони азиз! Инак тули 10 сол мешавад, ки рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» фаъолияти босамару бомароми худро, бо чопу нашри мақолаҳо, ки бахшида ба ҷашнвораҳои гуногун ба табъ мерасанд, пешорӯйи мову шумо манзур медорад.

Рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» солиёни зиёд аст, ки бахри тарғибу ташвиқ намудани масъалаҳои муҳимми таълиму тарбияи шогирдон ва фаъолияти густурдаи донишҷӯёну омӯзгорон нақши бориз мегузорад, зеро аз худ намудани илму дониш нишондиҳандаи асосии дараҷаи инкишофи ҳар як халқу миллат буда, бо раванди рушди неруи инсонӣ риштаҳои гусастанопазир дорад.

Боиси ифтихормандӣ ва сарфарозист, ки имрӯз рӯзномаи мазкур дар қатори дигар нашриёҳои даврии факултетӣ ва умумидонишгоҳӣ мақому манзалати махсусро касб намуда, бе муҳобот ҳамчун ахтару ахгари фурӯзону тобанда, бахри рушди илми ҳуқуқшиносӣ хидмат менамояд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар асоси қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳанӯз соли 2013 таъсис ёфтааст ва аввалин шумораи он санаи 19-уми марти соли 2013 ба нашр расида, то ба ин дам бе танаффус моҳе 1 ё 2 маротиба рӯйи чоп меояд ва ба тамоми ниҳодҳои муҳимми давлатӣ равона гардида, онҳо аз шебу фарози факултети ҳуқуқшиносӣ ва фазои ҳуқуқии кишвар ошноӣ пайдо мекунанд.

Рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос»-ро имрӯз метавон ҳамчун оинаи пурҷилои факултети ҳуқуқшиносӣ ном бурд, зеро маҳз тавассути ин рӯзнома донишҷӯёну омӯзгорони факултет ва кормандони дигар рукнҳои муҳимми давлатдорӣ аз кору пайкори факултет огаҳӣ пайдо менамоянд.

Зимнан бояд тазаккур дод, ки дар таъсиси рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», ки имрӯз аз таъсиси он 10 сол сипарӣ мешавад, нақши як зумра устодони солору аршади факултети ҳуқуқшиносии ДМТ назаррас аст ва маҳз бо ташаббусу дастгириҳои пайвастаи онҳо, имрӯз ин рӯзномаи ҷаззоб ва барои ҳамаи мо азиз, пойгаҳи таълифоти гуногунмавзуи устодону кормандони факултет, олимони соҳа, намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аспирантону унвонҷӯён маҳсуб мешавад.



Дар ин росто дар баробари рӯйи авроқ овардани натиҷаҳои неруи зеҳниву маънавӣ, ҳамчунин раванди таълиму тарбия, фаъолияти густурдаи воҳидҳои таркибии сохтори факултет то созмонҳои ҷамъиятӣ ва дигар чорабиниҳову ҷамъомадҳои факултетӣ ва умумидонишгоҳӣ, ки гузаронида мешаванд, дар рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба нашр мерасанд.

Аз ин хотир бо камоли мамнунӣ ва фараҳмандӣ ҳамаи Шумо устодону донишҷӯён ва пеш аз ҳама ҳайати таҳририя, мушовара ва нафаронеро, ки дар пешбурди кори рӯзнома нақшгузор ҳастанд, барои расидан ба ин рӯзи фархунда самимона шодбош мегӯям.

Бигзор рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» фаъолияти самарабахши хешро беш аз пеш ба роҳ монда, мақому манзалати худро 10-солаҳои дигар низ побарҷо нигаҳ дорад ва ҳамчун намоди факултети ҳуқуқшиносӣ дар рушду нумуи илми ҳуқуқшиносӣ пазируфта шавад.

Бори дигар 10 соли эҷоду таълиф ва рушду камоли рӯзномаро ба устодону шогирдони ин даргоҳи илму дониш табрик мегӯям.

# 10 СОЛИ ФАЪОЛИЯТИ ПУРМАҲСУЛ ДАР ФАЗОИ ИТТИЛООТИИ МАМЛАКАТ



Анвар САФАРЗОДА
сардори Раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолияти гуногунҷабҳа дорад, ки мақом ва нақши онро дар низоми сохторҳои донишгоҳ ва умуман муассисаҳои олии кишвар муайян менамояд. Факултет фаъолияти худро дар самтҳои тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси ҳуқуқшиносӣ ҳамчун маркази асосӣ ва пешбари таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ, иштирок дар муайянкунии дурнамои инкишофи қонунгузории соҳа ва иштирок дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва додани хулосаҳои ҳуқуқӣ ба онҳо амалӣ менамояд. Дар баробари самтҳои зикршуда, факултети ҳуқуқшиносӣ дар самти тарғибу ташвиқи донишҳои ҳуқуқӣ, пешбурди фаъолияти илмӣ, ба донишҷӯён фароҳам овардани имконот ҷиҳати гузоштани қадамҳои нахустин дар самти фаъолияти илмию эҷодӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстию худшиносӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон пешсаф буда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои зикршуда 10 сол муқадам рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» таъсис дода шуд.

Яке аз мақсадҳои асосии таъсис додани рӯзнома дар муаррифии дастовардани илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва мусоидат намудан ба рушди ҳаёти илмию таълимии факултет ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, шарҳу тавзеҳи Паёмҳои Пешвои муаззами миллат, қонунгузории амалкунандаи мамлакат ва пажӯҳиши масъалаҳои амалӣ нақши арзанда дорад. Дар рӯзнома афкори устодони факултет доир ба масъалаҳои мухталифи давлатӣ ва ҳуқуқӣ, мақолаҳои оммавӣ доир ба ҷашнҳои миллӣ ва дигар масъалаҳо нашр мегардад. Боиси ифтихор аст, ки дар тамоми маводҳое, ки дар шумораҳои алоҳидаи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», ки дар давоми 10 сол нашр гардидаанд, ифтихор аз давлату давлатдорӣ, дастгирӣ аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, ҳисси ватандӯстии устодону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ба назар мерасад.

Дар фарҷом, ба тамоми устодон ва донишҷӯёни факултет 10 солагии таъсиси рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос»-ро, ки ба ҷашни байналмилалии Наврӯз рост омадааст, табрик намуда, таманои онро дорам, ки солҳои минбаъда низ устодони факултети ҳуқуқшиносӣ бо пешбурди фаъолияти гуногунҷабҳаи худ ва нашри шумораҳои рӯзнома дар татбиқи сиёсати ҳуқуқии давлат ва инкишофи илми ҳуқуқшиносии ватанӣ саҳмгузор бошад.

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОСОНИ ҶАВОН



**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА**
**ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**

Дар шароити муосир, ки Тоҷикистон роҳи эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеша намудааст, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ яке аз унсурҳои муҳим барои расидан ба ин ҳадафҳои олӣ мебошанд. Давлату ҳукумати мамлакат пайваста кӯшиш менамоянд, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқу озодиҳои худ бархурдор гардида, дорои фарҳанги баланди ҳуқуқӣ бошанд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд: "Инсони дорои маърифати ҳуқуқӣ қодир аст, ки бо дарки моҳият ва аз худ намудани қонунҳои амалкунанда ҳуқуқ ва манфиатҳои худро пуштибонӣ намояд ва ин ҳолат хоси давлати муосири демокративу ҳуқуқбунёд мебошад". Ҳамин аст, ки бо мақсади дастгирии сиёсати давлат, тарғиби сиёсати ҳуқуқии мамлакат ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" таъсис ёфтааст.

Аз таъсиси рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», ки ба санаи 19 - уми марти соли 2013 рост меояд, 10 сол сипарӣ гашт. Нашрия дар ин давр соли фаъолият ба ҳадафу вазифаҳои асосии худ ноил гардида, маълумоти муфассали илмиву назариявӣ, таҳлилҳои ҳуқуқӣ, таблиғи дастовардҳои омӯзгорону донишҷӯён ва рӯйдодҳои муҳими илмиву навовариро манзури хонандагони худ намуд ва, хушбахтона, аҳли қаламу нашрия рисолати пурифтихори хешро ба ҷо оварда истодаанд.

Қобили қайд аст, ки дар сиёсати ҳуқуқии мамлакат масъалаи тарғибу ташвиқи масъалаҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ нақши арзанда дошта, дар расидан ба ин ҳадаф нақши рӯзномаву маҷаллаҳо назаррас аст. Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии мамлакат нақши босазо дорад, бо таъсис ва пешбурди чунин рӯзнома дар масъалаи ташвиқоти масъалаҳои ҳуқуқӣ пешоҳанг аст.

Имрӯз нашрияи "Минбари ҳуқуқшинос" таҷассумкунандаи дастовардҳои ҳуқуқии мамлакат, тарғибгари арзишҳои муҳими демократӣ ва яке аз воситаҳои асосии боло бурдани ҳисси ватандӯстию хештаншиносии хонандагон шинохта шудааст.




Итминони комил дорем, ки алоқамандони нашрия, хусусан кормандону омӯзгорон ва ҳуқуқшиносони ҷавон-донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ минбаъд низ дар ин самт фаъолияти пурсамар нишон дода, саҳми арзандаи хешро баҳри баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии кишвар мегузоранд.

Бо ҳамин ниятҳои нек, кулли қаламкашони нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос»-ро ба муносибати 10-солагии таъсисёбии он табрику таҳният гуфта, бароящон тансиҳативу хотирҷамъӣ ва хонаи ободу қалами бурро таманно дорам

## «МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС» – РОҲНАМОИ АҲЛИ МАЪНӢ

Мушоҳидаҳо гувоҳи онанд, ки дар шароити имрӯза нақши воситаҳои ахбори омма марҳила ба марҳила меафзоянд. Зеро, бо пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ, паҳншавии тафаккури бегона, муборизаҳои идеологӣ зарурати амал кардани шабакаҳои хабарӣ ва таҳлилии миллӣ ба миён меояд, ки дар ин радиф, расонаҳои муассисавӣ нақши созгорро иҷро менамоянд. Маҳз чунин расонаҳо пайваста барои баланд бардоштани ҳисси худшиносӣ ва худогоҳии ҷавонон, бунёди тафаккури солим дар андешаи онҳо, эҳёи ҳисси масъулият дар назди ҷомеа, ҳифзи арзишҳои миллию давлатдорӣ саҳми назарраси худро мегузоранд.

Расонаҳои муассисавӣ на танҳо беҳтарин воситаи дастрас намудани иттилоот, балки василаи иловагии дастрасӣ ба донишу ахлоқ ва яке аз муассиртарин омили тарбия низ мебошанд. Ба ҳайси чунин расонаи миллии муассисавӣ нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос»-и факултети ҳуқуқшиносии ДМТ-ро номабар кардан имконпазир аст, ки манбаи хуби иттилоърасонӣ ба кулли устодону кормандон, донишҷӯёни факултет ва дигар алоқамандон мебошад.

Андешаҳои хонандагон ва мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки нашрия дар байни расонаҳои муассисаҳои мамлакат аз лиҳози мавзуъ, муҳтаво ва сифати ҳадамоти иттилоърасонӣ яке аз беҳтарин нашрияҳо маҳсуб дониста мешавад.

Бояд иброз намуд, ки нафароне зиёде дар пайравӣ аз мақтаби бузурги эҷодии нашрия ба камол расида, ба таҳқиқу пажӯҳишҳои илмӣ рӯ оварда, феълан докторону номзадҳои илм мебошанд, барҳе дигар бошад, дар сохторҳои мухталифи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳайси корманд ва ё роҳбар



**Парвон МИРЗОЗОДА**
**декани факултети ҳуқуқшиносӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**

сарбаландона фаъолият менамоянд.

Боиси хушнудист, ки тайи солҳои охир дастпарварони ин маҳзани бузурги илму маърифат бо ҳисси баланди хештаншиносӣ дар партави дастуру ҳидоятҳои инсонпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қаламронӣ намуда, бо андешаҳои созандаи хеш дар тарбияи насли наврас ва рушди ҷомеа саҳми арзанда мегузоранд.

Аз ин лиҳоз, имрӯз, ки дар арафаи 10-умин солгарди таъсисёбии нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос» қарор дорем, тамоми устодон, донишҷӯён ва дар симои онҳо тамоми алоқамандони воситаҳои ахбори оммаро ба муносибаи 10-умин солгарди нашрия таҳнният гуфта, дар корҳои илмию эҷодии онҳо комёбиҳои беназирро таманно дорем. Бигзор, нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос» чандин даҳсолаҳои дигар барои ин даргоҳи илму маърифат хизматҳои самарабахшро ба анҷом расонад.



# НАВРӮЗ БО ҲАМ

## (дар партави 10-солагии таъсисёбии нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос»)

Расо 10 сол муқаддам, санаи 19 марти соли 2013 фазои иттилоотии кишварро боз як нашрияи нав – «Минбари ҳуқуқшинос» комил сохт.

«Минбари ҳуқуқшинос» бори аввал 28 феврали соли 2013 тахти №0336/рз дар Вазорати фарҳанги ҶТ ба қайд гирифта шуда, 18 марти соли 2016 тахти №0336/рз ва 15 сентябри соли 2022 тахти №325/рз-97 аз нав сабти ном шудааст.

Нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос» яке аз рӯзномаҳои соҳавӣ ба ҳисоб рафта, он дар асоси қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ифтитоҳ ёфтааст. Ҳадаф ва вазифаҳои асосии «Минбари ҳуқуқшинос» интишори маълумоти илмӣ-назариявӣ, таҳлилҳои ҳуқуқӣ, таблиғи дастовардҳои илмӣ-ҳуқуқии омӯзгорон, олимону аспирантон, докторантон ба ҳисоб рафта, дар он, ҳамзамон, мақолаҳои кормандони мақомоти давлатӣ, ки дарбаргирандаи ҷанбаҳои гуногуни сиёсати инсонпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, ба нашр расонида мешавад. Инчунин, дар нашрия раванди таълим ва тарбия дар факултету донишгоҳ инъикос мегардад.

Дар таъсис ва фаъолияти муназзами нашрия дар ин муддати фаъолият саҳми доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С., академики АМИ ҶТ Имомзода М.С., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С., номзади илмҳои филологӣ, дотсент Саъдӣ Маҳдӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбоналиzода Н.Ш. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. хеле бузург аст.

Нахустшумораи нашрия 19 марти соли 2013, дар арафаи ҷашни байналмилалии Наврӯз бо теъдоди 1000 нусха ба табъ расидааст.

Ҳайати таҳририяи нашрия Мирзозода П.З. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Сафарзода Б.А. профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Маҳмудов И.Т. дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ, Раҳимзода М.С. дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносӣ, Сулаймонов Ф.С. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ва ҳайати машваратӣ Насриддинзода Э.С. – Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, узви вобастаи АМИТ, Ватанзода М.М. муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Хушвахтзода Қ.Х. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ, Раҳмон Д.С. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, Маҳмудзода М.А. профессори кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносӣ, академики АМИТ, Раҳимзода М.З. профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, узви вобастаи АМИТ мебошанд.


ШАҲОДАТНОМА



**Эмомалӣ МИРАЛӢ**
**сармуҳаррири нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос»**

Нашрия моҳе 1-2 маротиба дар ҳаҷми 8-16 саҳифа бо теъдоди 1000 нусха ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад. То имрӯз, яъне 18 марти соли 2023 худуди 184 шумораи нашрия ба табъ расид. Нахустин сармуҳаррири нашрия Саъдӣ Маҳдӣ мебошад.

Дар ин муддати фаъолияти пурмаҳсул нашрия тавонист, ки хонандаи худро пайдо намуда, дар баробари ин, шумораи зиёди муаллифонро аз ҳисоби устодон, донишҷӯён, кормандони мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар гирди худ ҷамъ орад ва дар таъмини ҳуқуқи ҳар як шахс ба озодии сухан саҳми худро гузорад.

## САРМУҲАРРИРОНИ НАШРИЯИ «МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС»



Саъдӣ Маҳдӣ
(солҳои 2013-2014)



Саъдизода Ҷаҳонгир
(солҳои 2014-2018)



Эмомалӣ Миралӣ
(аз соли 2018 то ин ҷониб)

## МУҲАРРИРОН ВА МАСЪУЛОНИ НАШРИЯ



Шарифов Исмоил



Наимов Бобоҷон



Бобохонзода Ҳамза



Некрӯз Сафарзода

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ



НАСРИДДИНЗОДА Э.С.



РАҲМОН Д.С.



САФАРЗОДА Б.А.



ИДИЗОДА Ф.Ф.



МИРЗОЗОДА П.З.



ҚУРБОНАЛИЗОДА Н.Ш.



КАМОЛЗОДА И.И.



СУЛАЙМОНОВ Ф.С.



МАҲМУДОВ И.Т.



АБДУЛЛОЕВ П.С.



КУКАНОВ А.З.



РАҲИМЗОДА М.С.



Қурбонов Қ.Б.



Миралӣ Собиров



Азимҷон Ҷураев



Шерзода Бурҳоналӣ

# МИНБАРИ МУҲАҚҚИҚОНИ НОМВАР



**Абдулҳафиз АШУРЗОДА раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар замони муосир нақши рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавӣ дар ташаккул ва рушди соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа назаррас буда, имконият фароҳам меоранд то муҳаққиқон дидгоҳи худро дар ҳалли масъалаҳои мубрам манзур созанд.

Рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар заминаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис дода шуда, тайи даҳсолаи охир аз зумраи рӯзномаҳои пурмаҳсули соҳавие маҳсуб меёбад, ки дар рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, муаррифии муҳаққиқони ҷавон ва татбиқи сиёсати давлату Ҳукумати кишвар сахми арзишманди худро гузошта истодааст.

Бояд қайд намуд, ки дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ангуштшумор рӯзномаҳои соҳавие вуҷуд доранд, ки дастовардҳо, навидҳо ва мушкилоти ҷойдоштаи соҳаро манзури хонандаи закӣ гардонанд. Бо ин назардошт, арзи ҳастӣ намудани рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар муҳити илмӣ ва оммавӣ имконият фароҳам меорад то доираи васеи хонандагон аз муваффақият, навгонӣ ва роҳи ҳалли мушкилотҳои ҷойдоштаи соҳа ба таври пайваста огоҳӣ пайдо намоянд. Боиси сарфарозист, ки музаффариятҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва масъалаҳои муҳимми соҳа на танҳо бо забони тоҷикӣ, балки бо забонҳои русӣ ва англисӣ низ нашр карда мешаванд, ки ин яке аз махсусият ва афзалияти рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» махсуб ёфта, имконияти воқеиро барои муаррифии шоистаи соҳаи ҳуқуқшиносии кишвар берун аз қаламрави давлат фароҳам меорад. Зеро, дар баробари он, ки рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» бо теъдоди зиёд нашр мешавад, инчунин ҳамаи шумораҳои он дар сомонаи расмии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷой дода шуданд ва алоқамандони соҳа ба таври озод метавонанд аз он баҳравар гарданд. Маҳз дар ҳамин шакл ба роҳ мондани фаъолият имконият фароҳам овардааст, ки рӯзномаи мазкур на танҳо дар ҳудуди кишвар, балки берун аз он низ мавкеъ ва нуфуз пайдо намояд. Рӯйи нашр омадани мақолаҳои муҳаққиқон ва олимони хориҷӣ дар рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» гуфтаҳои болоро тасдиқ менамоянд.

Мавриди ба тазаккур аст, ки рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» аз рӯйи сифати нашр ва мазмуни матлабҳои инъикосёбанда дар муҳити воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ фарққунанда буда, бо махсусияти ба худ хос нашр гардида, дар он қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ пайваста риоя карда мешаванд. Дар ин самт саҳми садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, кормандон ва ҳайати таҳририяи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» назаррас буда, шоистаи таҳсин мебошад.

Имрӯз аз замони таъсис ва ба фаъолият оғоз намудани рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» даҳ сол сипарӣ мегардад. Ба ин муносибат, садорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кормандон ва ҳайати таҳририяи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос»-ро сидқан табрик намуда, умед бар он менамоем, ки рӯзномаи мазкур садсолаҳои баъдӣ низ саҳми арзишманди худро дар рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, муаррифии муҳаққиқони ҷавон, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, инъикоси ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, инчунин амалисозии сиёсати давлату Ҳукумати кишвар мегузорад.

# 10 СОЛИ ТОБНОКИ «МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС»



**Дилшод РАҲМОН раиси Кумита оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонунияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ, ректори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

Муаррихону муҳаққиқони гузаштаву муосир собит сохтаву ҷомеаи башарӣ эътироф намудааст, ки тоҷикон ҳанӯз аз замонҳои дури таърих соҳибкитобу маърифатпарвар буда, сарнавишти мо дар тамоми марҳилаҳои вуҷуд ба қаламу дафтару девон пайванди ногусастанӣ доштааст. Таъсиси нашрияи нахустини тоҷик таҳти унвони «Бухорои шариф» ва бо ҷонбозиҳои зиёди фарзандони фарзонаи миллат 11 марти соли 1912 дастраси хонанда гардидани нахустшумораи он бозгӯкунандаи ин фазилату мақоми таърихии миллат аст.

Дар замони давлатдории навин маҳз бо ташаббусҳои хирадбунёди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди бемайлони соҳаи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма эътибори бештар зоҳир гардида, имрӯзҳо дар қаламрави кишвар, дар заминаи сохторҳои давлатӣ, вазорату идораҳо, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ нашрияҳои зиёди давлативу ғайридавлатии соҳавию оммавӣ фаъолият менамоянд.

Бидуни тардид, матбуот аз замонҳои қадим дар ҳаёти инсонҳо бо шаклҳои гуногун вуҷуд дошта, имрӯз бо ташаккули чашмгир дар заминаи иттилоърасонии фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ғ. аҳамияти он торафт меафзояд. Ҳоло рӯзномаву ҳафтанома ба унвони абзори муҳимми матбуот ба ниёзи асосии хар ҷомеае табдил ёфта, ба рафтору гуфтор ва кирдори аксарият таъсир мегузорад. Мусаллам аст, ки рӯйи кор омадани рӯзномаҳои соҳавию тахассусӣ боиси пешрафту навгониҳои соҳа мешавад.

Факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун сохтори таркибии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баҳри татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти омодасозии кадрҳои салоҳиятноки миллӣ, иҷрои барномаву стандартҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва таъмини рушди иҷтимоиву маънавии ҷомеаи шаҳрвандии кишвар фаъолияти пурсамар дошта, дар ташаккул ва таолии шуури ҳуқуқӣ ва камолоти фарҳанги ҳуқуқии миллат нақши арзанда мегузорад.

Хушбахтона, дар ин боргоҳи илму маърифат дар радифи маҷаллаҳои илмии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» ва «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон», ҳамзамон, ҳафтаномаи «Минбари ҳуқуқшинос» роиҷ аст, ки барои нашри маълумоти илмӣ-назариявӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, баамалбарорӣ ва таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, роҳҳои мукаммалёбии минбаъда ва муваффақшавии самараноки қонунгузорӣ, таблиғи дастовардҳои илмӣ ва касбии омӯзгорону донишҷӯёни факултет, мақолаву андешаҳои судманди кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ равона шудааст.

«Минбари ҳуқуқшинос», ки ҳамакнун, бо ифтихору сарфарозӣ ва нишоту хотираҳои рангин аз рақамҳурии соли даҳуми фаъолияти тобнок ва пурмаҳсули он ёдовар мешавем, ҳамчун нашрияи соҳавӣ миёни ҳавзаи илмии ҳуқуқшиносони кишвар, мақомоти давлатӣ, омӯзгорону муҳассилини ин риштаи муҳимми давлатдорӣ ба ҳайси нашрияи муътамаду пурғановати илмӣ-маърифатӣ эътироф гардида, дар тарбияву парвариши наслҳои ҳуқуқшиносони муваффақ, ходимони ватандӯсту хомиён худогоҳи манфиатҳои давлату миллат нақши эҳсосшаванда дорад.

Нашрия, воқеан, ба минбари ҳуқуқшиносон табдил ёфта, дар тӯли фаъолияти тобноку пурмаҳсул, дар баробари инъикоси дастовардҳои ҳуқуқии даврони истиқлол, таърихи афкори пешрафтаву оламшумули ҳуқуқии миллат, дар ташаккули худогоҳиву хештаншиносӣ, бедории сиёсиву огаҳиҳои ҳуқуқии донишҷӯёну доираи васеи хонандагон, таҳкими ғояҳои сулҳу ваҳдати миллӣ, истиқлолияти давлатӣ ва арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамқадамии асри иттилоот нақши шоиста мебозад.

Дар ин радиф, месазад ҷиҳати ҳифз ва тақвияти иктидори чашмгиру эътирофшуда ва самараноку сурурбахши «Минбари ҳуқуқшинос» пайваста талош намуда, бар сатҳу сифати матолиб ва нашри он биафзоем.

Зимни қадрдонӣ аз заҳматҳои синасӯз ва нурафкани Шумо, ҳамкорони муҳтарам, аҳли эҷоди ҳафтаномаи барои мо ниҳоят азизу карин, 10 соли фаъолияти тобнок ва шарафманди «Минбари ҳуқуқшинос»-ро бахратон самимона муборакбод гуфта, бароятон бару комёбӣ, неруи фаровони эҷодӣ, шоҳкориҳои беназири илҳомбахш таманно менамоям.

Умедворам, дар ин арсаи муҳимму арзишманди маърифатпарварӣ, ки унвоне дигар онро миллатсозист, доимо муваффақу сарбаланд бошед!

# МИНБАРИ ТАРБИЯИ ОЛИМОНИ ҶАВОН



**Файзалӣ ИДИЗОДА раиси Кумита оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, дотсент**

Матбуот минбаре мебошад, ки тавассути он мардум аз навигариҳо, вазъи ҷамъиятиву сиёсии дохиливу берунӣ, пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ огаҳӣ ёфта, ҳамзамон аҳли эҷод маҳсули меҳнати худро пешкаши хонандагон мегардонад.

Ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва дастгириҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шумораи воситаҳои ахбори оммаи давлативу ғайридавлатӣ ба маротиб зиёд шуда, иҷроиши меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи ахбор пурра таъмин гардида истодааст. Ҳақ бар ҷониби Пешвои муаззами миллат аст, ки ӯ воситаҳои ахбори оммаро сипари боэътимоди ҳифзи манфиатҳои миллӣ, арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, дастовардҳои истиқлолияти кишвари азизамон меҳисобанд.

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ даргоҳе мебошад, ки омӯзгорону хатмкунандагони он дар пешрафти ҷомеаи навини Тоҷикистон, тантанаи қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, ҳамзамон ҳифзи музаффариятҳои Истиқлолияти давлатӣ нақши хосае доранд.

Соли 2013 дар таърихи факултети ҳуқуқшиносӣ, ҳамчун соли дастовардҳои беназир ва навовариҳову пешравиҳо хотирмон аст. Яке аз навовариҳои факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли мазкур аз он иборат аст, ки бо ташаббуси доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ва профессор Имомзода М.С. рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» 28 феврали соли 2013 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон расман ба қайд гирифта шуда, 19 марти соли 2013 аввалин шумораи он ба нашр расид. Таъсиси рӯзномаи мазкур тақозои замон ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб мерафт. Зеро дар факултети ҳуқуқшиносӣ шумораи муҳаққиқони ҷавон ва донишҷӯёни навқалам зиёд шуда, дар самти ҷопи маводҳои илмӣ ва хислати маълумотидоштаи соҳаи ҳуқуқшиносӣ норасоии рӯзномаи соҳавӣ бараъло эҳсос мегардид.

Маҳз ба шарофати рӯзномаи мазкур аввалин навқаламон бемамониат маҳсули эҷодии худро ба нашр расонида, марҳила ба марҳила, чунин ашхос ба муҳаққиқ ва олими соҳаи муайяни ҳуқуқ табдил ёфтанд ва дар ин ҷараён бомуваффақият идома дорад. Имруз маҳсули эҷодии олимони ҷавону навқаламон бо забонҳои тоҷикиву русӣ ва англисӣ ба нашр расида, рӯзнома ба минбари ҳақиқии тарбияи олимони ҳуқуқшинос ва аҳли эҷод табдил ёфтааст.

Имрӯз, ки мо дар арафаи таҷлили 10-солагии таъсисёбии рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» қарор дорем, мехостам аз номи худ ташкилкунандагон ва ҳайати таҳририяи рӯзномаи мазкур, ҳамчунин тамоми устодон, аспирантону докторантон, магистрҳо ва донишҷӯёнро ба ин муносибат табрик гуфта, ба онҳо муваффақиятҳои нав ба нави эҷодӣ таманно дорам.

# МАСЪУЛИЯТИ НАВБАТӢ МУБОРАК, УСТОДОН!







Боиси хушнудист, ки факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамчун махзани тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси касбӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ эътироф гардида, устодону кормандон ва тарбиятгирандагони он дар амалӣ гардонидани сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолона ширкат меварзанд.

Дар ин асно, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Нурулло Шамсулло вазифаи роҳбари Дастгоҳи раиси шаҳри Душанберо бар ӯҳда гирифт.

Бинобар ин, санаи 7-уми марти соли 2023 бо фармоиши ректори ДМТ Мирзозода Парвон Зайналобуддин – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ таъйин гардид. Дар ҳамин росто, дотсентон Мирализода И.Қ. – муовини декан оид ба таълим дар шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ, Қурбонов Қ. – муовини декан оид ба таълим, Мавлонназаров О.А. – мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калон Шарифзода Ф. – мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ таъйин гардиданд.

Аз ин рӯ, ҳайати таҳририяи нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос», устодон, кормандон ва донишҷӯёни факултет Мирзозода П.З., Мирализода И.Қ., Қурбонов Қ., Мавлонназаров О.А. ва Шарифзода Ф.-ро ба муносибати таъйин гардидан ба вазифаҳои пурмасъул самимона табрик гуфта, барои фаъолияти минбаъдаи эшон барору комёбиҳои беинтиҳоро орзуманданд.



## ТАҶЛИЛИ РӮЗИ МОДАР ДАР ФАКУЛТЕТ



Санаи 7 марти соли 2023 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ “Рӯзи модар” бо як шукуҳи хосса таҷлил гардид. Дар рафти чорабинӣ иброз гардид, ки модар ибтидои ҳастии башарият, мабдаи меҳру вафо ва рамзи муҳаббату садоқат мебошад. Зан – Модар табиати офаранда, созанда, парваришгар, ҷомеасоз ва идомабахши ҳаёт дорад.

Дар пайравӣ аз сиёсати инсонпарваронаи Пешвои миллат, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамеша нисбати бонувони факултет таваҷҷуҳи хосса намуда, барои дастгирӣ ва баланд бардоштани мавқеи онҳо таваҷҷуҳи пайваста зоҳир менамояд.

Аз ин рӯ, дар ин рӯзи муборак, бо ташаббуси Раёсати Донишгоҳ ва садорати факултет барои болида гардонидани рӯҳияи бонувони факултет чорабинии фарҳангӣ баргузор намуда, онҳоро бо мукофотҳои махсус сарфароз гардониданд.



## ДИФОИ РИСОЛАИ ДОКТОРӢ



Хурсандибахш аст, ки шумораи устодони унвондор дар факулет рӯз ба рӯз зиёд шуда, онҳо пайваста бо унвону дастовардҳои нави илмӣ сарфароз гардида, ба ин васила, хазинаи илмии кишварро бою ғанӣ мегардонанд.

Дар ҳамин росто, санаи 7-уми марти соли 2023 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мирзозода П.З. рисолаи доктории худро дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» сарбаландона дифоъ намуданд.

Аз ин рӯ, ҳайати таҳририяи нашрияи «Минабари ҳуқуқшинос», устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ Мирзозода П.З. - ро ба ин дастоварди самарбахш аз самими қалб муборакбодӣ намуда, ба эшон рӯзгори хушу осуда ва фатҳи қуллаҳои нави илмиву эҷодиро таманно менамоянд.



## ҶОННОК ГАРДИДАНИ ДАРСҲОИ ТАРБИЯВӢ

Нақши тарбия дар ташаккули шахсияти донишҷӯ бағоят бузург ба ҳисоб рафта, ояндаи дурахшони ӯро дар ҷомеа муайян месозад. Зеро, дар баробари доштани дониши устувор, барои ҳар як фард зарур аст, ки тарбияи дуруст дошта бошад. Маҳз дар ин ҳолат, шахс дар ҷамъият мавқеи худро пайдо карда метавонад. Аз ин хотир, устодони факултети ҳуқуқшиносӣ дар барои анҷом додани рисолати омӯзгории худ, дар баланд бардоштани тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ, ватандӯстии донишҷӯён саҳмгузоранд.





Ҳамчунин, устодони факултет дар раванди баргузории дарсҳои тарбиявӣ мазмуну муҳтавои меъёрҳои Қонуни ҶТ “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” шарҳу тавзеҳ дода, донишҷӯёнро дар рӯҳияи хешташиносӣ, ҳувияти миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ҳидоят менамоянд.

**Масъули саҳифа**
**Миралӣ СОБИР**

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОСОНИ АСИЛ



**Маҳкам МАҲМУДЗОДА**
**профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ**

Таърихи давлатдории гузаштаи пурифтихорамон собит месозад, ки ниёгони мо ба адлу дод, ҳақиқату адолат ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои башар таваҷҷуҳи вижа зоҳир намуда, дар ин самт мутахассисону олимони бузург ба камол расидаанд.

Дар замони Истиқлоли давлатӣ факултети ҳуқуқшиносии ДМТ рушду ташаккул ёфта, нақши босазову барҷаста дар инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва таъмини сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурӣ гузошт. Ин боргоҳи илму маърифат ҳазорон мутахассиси ҳуқуқдон ба камол расонд, ки саҳми боризи онҳо дар масири таъмини қонуният, адолати судӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, волоияти қонун ва ҳуқуқ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ, ва соҳаҳои мухталифи давлатдорӣ бузург аст.

Қобили зикр аст, ки дар факултети ҳуқуқшиносӣ аввалин маротиба рӯзномаи "Ҳуқуқшинос" таъсис дода шуда, солиёни зиёд ҳамчун минбари ҳуқуқшиносони ҷавон хизмат намуд ва барои баландбардоштани савияи ҳуқуқии ҷавонон саҳми созгорро гузошт. Боиси ифтихории камина аст, ки ҳангоми декани факултет буданам ин моҳнома таъсис ёфта, ҳамзамон ба ҳайси сармуҳаррири нахустини он будам. Хушбахтона, кори пешгирифтаи моро садорати факултети ҳуқуқшиносӣ давом дода, тайи 10 соли охир рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" низ таъсис дода шудааст, ки барои боз ҳам таваҷҷуҳи донишҷӯён ба илм, татбиқи амалии донишҳои назариявӣ, худшиносию худогоҳӣ, тарвиҷ додани неруи зеҳнии устодону донишҷӯён хидмат менамояд.

Ҳамзамон, рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" дар таъмини сиёсати ҳуқуқии кишвар, омода намудани соҳибкасбону андешамандони соҳаи ҳуқуқ, тарғибу ташвиқи қонунгузорӣ, таблиғи дастовардҳои илмӣ-ҳуқуқии факултет, баланд бардоштани камолоти фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ аҳамияти хоса дошта, ҳамчун намоди огоҳӣ ва тафаккури ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурӣ муаррифӣ мегардад.

Ба муносибати 10-солагии рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" устодон, донишҷӯён, дастпарварон, ихлосмандону хонандагон ва ба вижа шахсоне, ки дар пешрафти ин моҳномаи барои мо азизу арзишманд шабонарӯзи заҳмат мекашанд табрику таҳният гуфта ба онҳо саодату комгорӣ, дили шоду рӯзгори обод ва хушиҳои зиндагиро таманно дорем. Бигзор қалам фармонбардори фикру андешаи пурмухтаво ва муфиди Шумо бошад!!!

# МИНБАРИ СОҲИБҚАЛАМОН

## (Қалам сипеҳри андеша ва огоҳии башар...)



**Миралӣ СОБИРОВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**



**Азимҷон ҶУРАЕВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ**

Мусаллам аст, ки аҳамияти Истиқлолу озодӣ дар ташаккул ва шинохти ҳар халқу миллат дар арсаи байналмилал аз ҷойгоҳи хосе бархурдор аст.

Дар тӯли таърих ниёгони мо садсолаҳо дар ҳасрату ормони Истиқлолу озодӣ ва давлатдории миллӣ буданд ва барои расидан ба ин ҳадафи олӣ чи муборизаҳову чи талафотҳои сахту сангине ба харҷ доданд, то сиришти маънавӣ, фарҳанг, забон, ҳофизаи таърихӣ ва ҳайсияти миллии тоҷик ҳифз гардад. Имрӯз мо мадюни хидматҳои наҷиби гузаштагонамон мебошем, ки дар замони бедавлатӣ тавонистанд унсурҳои маънавии миллатро барои наслҳои минбаъда бо арҷангу килку қалам, дафтару девон ва забони ноби модарӣ ҳифз намуда, ба мерос гузоранд. Ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар авохири асри гузашта, дастоварди арзишманд буда, заминаи рушди андешаи муқаддаси миллӣ ва эҳёи навини давлатдории миллии тоҷикон ба шумор меравад.

Тоҷикон ҳанӯз аз умқи таърих қаламро гиромӣ ва соҳибони адабу қалам ва ҳунарро бузург пиндоштаанд. Ҳақиқатан қалам ва онҳое ки қаламбадастанд муъҷизаофаранд, чунки дар рагҳои маънавии ҷомеа ҷараён намуда, нақши муҳим дар ислоҳ ва ҳидояти ҷомеа ба самти маънавиёт ва фарҳанги бузург дорад.

Қалам намоди огоҳӣ ва тафаккури башар буда, ҳамчун василаи бақои маърифату ирфон махсуб мегардад. Бузургию ҳашамати ақлу тафаккури инсонҳо дар қаламашон ифода меёбад. Нависандагон ва соҳибони қалам дар шаклгирӣ, ташаккул ва таолии фарҳанг ва тамаддуни башарӣ аз дер боз то кунун хидмат менамоянд. Воқеан ҳам бузургӣ ва мақому манзалати қалам ба воситаи соҳиби хеш намоён мегардад, чунки ҳамду санои бузург бар навиштаҷоти касоне аст, ки қаламбадаст ҳастанд.

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар факултети ҳуқуқшиносии



Донишгоҳи миллии Тоҷикистон масири басо пуршараф ва сарафрозиро тай намуда, ба як махзани сутурги илму хирад табдил ёфтааст, ки дар шароити кунунӣ бо ифтихор метавон зикр намуд, ки дастпарварон ва устодони факултет дар шаклгирӣ ва рушди соҳаҳои таъмини қонуният, адолати иҷтимоӣ, таҳияи лоиҳаи Конститутсия ва инкишофи минбаъдаи он, қабули қонунҳои ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва камолоти фарҳангии аҳолӣ, такмили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, таблиғу ташвиқи дастовардҳои миллӣ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ нақши барҷаста доранд.

Рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" бо маҷмуаи аз нашриёти фаъолу хотирангез тайи 10 сол ба манфиати умуми ҳуқуқшиносон, олимон, донишҷӯён ва ҳама алоқамандони соҳаи ҳуқуқ тавонистааст, ки дар сипеҳри расонаи имрӯз ҳамчун булур дурахшида, зимни пайвастагӣ ва мудовимат дар интишор бо нахви шоиста нақшофарӣ кунад.

Қобили зикр аст, ки рӯзномаи зикргардида, дар рушди неруи зеҳнии хонандагону алоқамандони соҳаи ҳуқуқ нақши барҷаста дошта, ҳамчун мактаби бузурги тавлидкунандаи қаламдорони соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ махсуб мегардад.

Соҳибони қалам, ки дар ин моҳномаи ҳаётан муҳим фаъолият менамоянд, пайваста талош менамоянд, ки навиштаҳои онҳо пурмухтавову муфид бошанд, то афкор ва андешаҳоро рушд диҳанд, рӯҳияи худбовариву худогоҳиро дар мардум афзоиш бахшида, донишҳои ҳуқуқии аҳолиро баланд бардоранд.

Авзои ноороми ҷаҳони муосир, аз ҷониби абардавлатҳо бадаст овардани қудрат дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳонӣ, инкишоф ёфтани равияҳои гуногуни экстремистӣ ва гурӯҳҳои террористӣ аҳли қалам, нависандагон, мутарҷимон, рӯзноманигорон, олимон ва ғ. водор менамояд, ки дар таъмини ваҳдати миллӣ, инкишофи давлатдории миллӣ дар робита ба рушди давлатдории ҷаҳонӣ, ташаккули тафаккур ва андешаи солим дар ҷомеа, баланд бардоштани ватандӯстӣ ва меҳанпарастии наврасону ҷавонон, таъмини ҳақиқату адолат пайваста нақшофарӣ намоянд.

Меҳру муҳаббат ба Ватан ва ба мардум, омодагӣ ҷиҳати ҳама гуна фидокорӣ ва постдорӣ аз Истиқлоли давлатӣ, ифтихор аз арзишҳои асили миллӣ, дифоъ аз ҳувияти миллӣ-фарҳангӣ, кушидан ба нақди ҷон барои осоиш ва оромиши Меҳан ва ҳифз намудани Ватан аз ҳама гуна хатару ожангхо вазифаи ҳама шаҳрвандони кишвар ба вижа аҳли қалам мебошанд.

Умедворем роҳравони ин ҷодаи бисёр ҳам пурифтихор ҳамчун гузашта пирӯзу сарбаланд бошанд!!!



# ОЗОДӢ ВА ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН

**Инсоният дар масири ҳастии худ ҳамвора ҷониби озодӣ майл намуда, онро ҳамчун як рукни асосии ҳаёт ва намоди зиндагӣ маънидод карда, замина гузошт то дар марҳилаи бунёди давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд он ба сифати унсури марказӣ пазируфта шавад. Озодӣ марбут ба ҳолати табиии инсон аст. Яъне, аз диди фалсафӣ муайян намудани ҳудуди татбиқсозии озодӣ ғайриимкон буда, инсон онро дар доираи тафаккури худ анҷом медиҳад, аммо аз дидгоҳи ҳуқуқӣ озодӣ дар сарҳади мушаххас татбиқ карда мешавад. Пас саволи матраҳ ин аст, ки инсоният дар марҳилаи кунунӣ дунболи кадом навъи озодии худ талош дорад? Магар озодии фалсафӣ ва ҳуқуқӣ ба амнияти давлат, якпорчагии он, нигоҳдошти истиқлоли давлатӣ ва ҳувияти миллӣ таҳдид намуда метавонанд?**



**Карим КАРИМЗОДА**
**муовини раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ**

Дар марҳилаи кунунӣ муносибатҳо дар ҷомеаи инсонӣ то ҳадде рушд ёфтаанд, ки боис ба эътирофнамоӣ ва дигаргунсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон гардида, низомҳои ҳуқуқиро моил бар он намуда истодаанд то мазмун ва моҳияти худро дигаргун созанд. Аз ҷумла, дар баъзе аз давлатҳои аврупоӣ ҳуқуқ ва озодиҳое мавриди эътирофнамоӣ қарор гирифтаанд, ки ба урфу одат, тарзи зиндагӣ, ахлоқи ҷомеа, манфиатҳои давлат ва низоми ҳуқуқии миллии мо мутобиқат наменамоянд. Дар ин марҳилаи ҳассоси зиндагӣ, ки ҳар як субъекти ҷомеаи башарӣ дунболи мақсад ва ҳадафҳои худ қадам мезанад, олами ҷузъ ба кулл латмаи сахт ворид намуда, боис ба хатарзо гардидани вазъ дар сайёраи замин ва эҳтимолияти такрорёбии ҳодисаҳои талхи таърихро ба вуҷуд овардааст. Дар ҳоле арзишҳову манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва сиёсӣ бологузар мегарданд, пас дар мавриди манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ сухан рондан бамаротиб мушкил мегардад. Зеро, субъектҳои нахустишорашуда озодӣ ва манфиатҳои худро аз будаш зиёд тасаввур намуда, имконияти татбиқ намудани ҳадафҳои миллиро барои давлатҳои ҷудогона, махсусан давлатҳои дар ҳоли рушд қарордошта, намедиҳанд. Аз ин дидгоҳ, бунёд намудани андешаи давлати миллӣ дар замири насли замони муосир таъхирнопазир буда, тақозо менамояд то мақомоти марбут дунболи ин масъала корҳои заруриро ба сомон расонанд. Вале, бунёди андешаи давлати миллӣ бидуни баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ дар замири аҳолӣ имконнопазир мегардад. Аз ин дидгоҳ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин лаҳзаҳои ба даст гирифтани зимоми давлатдорӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро роҳи асосии расидан ба ҳадафҳои миллӣ маънидод менамоянд, ки инро метавон дар суханрониҳо ва таҷрибаи 30-солаи ироаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ возеҳан мушоҳида намуд.

Маврид ба тазаккур аст, ки Пешвои муаззами миллат ҳанӯз дар нахустин солҳои ҳазорсолаи нав, аниқтараш 30-юми апрели соли 2001 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ иброз намуда буданд, ки насли ояндаи тоҷик бояд дар руҳияи ватандӯстию худшиносии миллӣ, ҳифзи истиқлолияту якпорчагии давлат тарбия ёфта, номбардори ниёгони хирадманд, сулҳпарвар, эҷодкор ва ба ору номуси хеш бошанд. Воқеан, дар чунин шакл таҳрезӣ намудани сиёсати давлатӣ роҳи минбаъдаи бунёди давлатдории миллӣ, эҳёи ҳисси ватандӯстӣ, ватанпарварӣ ва нигоҳдошти истиқлолияти давлатиро дар замири аҳолӣ бедор намуд. Пешвои муаззами миллат хуб дарк намуда буданд, ки дар даҳсолаи охири садаи сипаришуда, маҳз ҳисси бегонапарастӣ, маърифати пасти даркнамоӣ, муносибати кӯр-кӯрона нисбат ба дин ва мансабталабии афроди манфиатхоҳ боиси бенизомӣ дар ҷомеа гардида буд. Аз ин рӯ, бо мақсади такрор нагардидани ин ҳодисаи талхи таърихӣ талош намуданд, ки насли ояндаи тоҷик дар руҳияи баланди ватандӯстӣ, ҳисси миллӣ ва ифтихор аз гузаштаи худ ба камол расида, таъмини якпорчагии марзу буми давлат ва сулҳу суботи комили онро аз тамоми арзишҳо боло гузоранд. Маълум мешавад, ки таъмин намудани сулҳу субот ва нигоҳдошти Истиқлоли давлатӣ дар заминаи баланд бардоштани ҳисси худогоҳиву худшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарварӣ тайи даҳсолаҳо дар зери таваҷҷуҳи махсуси Роҳбари давлат қарор дошта, ҳамвора ҷониби он талош намудаанд. Бемуҳобо метавон иброз намуд, ки дар ин роҳи ноҳамвор Пешвои муаззами миллат муваффақ гардида, таҷрибаи инсонмеҳварӣ ва сулҳофариниро дар ҷомеаи муосир гузоштанд.

Бояд иқрор шуд, ки дар садаи бисту як бо ташаккули илму техника, бамаротиб доман паҳн намудани ҷаҳони сабз (интернет) ва рушди муносибатҳои ҷомеаи инсонӣ дар заминаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ дар замири насли нав то андозае коҳиш ёфта, барои ба вуҷуд овардани арзишҳои ғайриинсонӣ ва ғайриахлоқӣ замина фароҳам оварда истодааст. Дар чунин шароит таъмин намудани оромии комил, сулҳи сартосарӣ, нигоҳдошти амнияти давлат, авлавияти татбиқсозии меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳифзи истиқлоли давлатӣ мушкил гардида, ҳувияти ватансозӣ ва бунёди давлати миллиро дар замири аҳолӣ коҳиш медиҳад. Бо ин назардошт, зарурати муайян намудани сарҳади татбиқсозии муносибатҳои нисбатан нав дар ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд омада, аз низоми ҳуқуқии давлат тақозо менамояд то тавассути меъёрҳои мушаххаси санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳудуди озодии фалсафии инсонро амиқан нишон дода, ин муносибатҳоро ба озодии ҳуқуқӣ мубаддал гардонад. Яъне, озодие, ки сарҳади баамалбарории он тавассути санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки мақомоти қонунбарори давлат ва ё субъекти салоҳиятдор қабул намудааст, яқинан маълум мебошад. Зеро, ҳуқуқ ва озодии инсон ҳадду ҳудуди татбиқсозии худро дорад. Инсон ҳуқуқ ва озодиашро бояд то он ҳудуде ба амал барорад, ки сарҳади ҳуқуқу озодии нафари дигар оғоз меёбад. Дар ҳамин замина, бояд ишора намуд, ки мақомоти қонунбарори кишвар ба самти мазкур, аллакай қадамҳои нахустини худро гузошт ва қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24 декабри соли 2022 далели равшани гуфтаҳои фавқуззикр мебошад. Қонуни мазкур бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба мақомоти қонунбарори кишвар пешниҳод шуда, фарогирандаи 5 боб ва 21 модда мебошад. Таҷрибаи ҳуқуқэҷоднамоӣ ва қонунбарорӣ башорат аз он медиҳад, ки қабули чунин навъ санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон равона гардида аст, на танҳо дар миқёси Осиёи Марказӣ, балки дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ камназир буда, аз ҷониби олимону коршиносони соҳа баҳои баланд дода мешавад. Ҳадафи аслии қонуни ишорашуда, агар аз як тараф тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон бошад, аз тарафи дигар вогузоштани масъулият бар зиммаи шаҳрвандон дар самти ватандӯстӣ, ватанпарастӣ, худшиносӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, бедории ҳувияти миллӣ, таъмини амният, сулҳу субот ва нигоҳдошти истиқлоли давлатӣ маҳсуб меёбад. Яъне, ба ҳамин васила мақомоти қонунбарори кишвар масъулияти шаҳрвандонро дар самти нигоҳдошти арзишҳои миллӣ бештар намуда, доираи татбиқсозии муносибатҳои навро, ки имконияти таъсири манфӣ расонидан ба ахлоқи ҷомеа, ҳувияти ватандӯстӣ ва суботи сартосариро доранд, нисбатан маҳдуд намуд. Ба ибораи дигар, озодии фалсафӣ ба озодии ҳуқуқӣ мубаддал гашта, меъёри мушаххаси ҳуқуқиро ба вуҷуд овард.

Озодии фалсафӣ сарҳади давлатеро мемонад, ки ҳудуди он мавриди муҳофизат қарор надошта, дилхоҳ субъект имконияти ворид шудан ба онро дорад. Аммо, озодии ҳуқуқӣ монанд ба сарҳади давлатест, ки ҳудуди онро қувваҳои мусаллаҳ бо мақсади нигоҳдошти тамомияти арзиву ҳудудӣ, таъмини амният, ҳифзи арзишҳои миллӣ, соҳибихтиёрӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон бо тамоми ҳастӣ муҳофизат ва ҳифз менамоянд. Бояд хуб дарк намуд, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ қабул намудани ҳама гуна арзишҳо, ки тавассути фарҳанг, тамаддун ва сиёсати баъзе аз давлатҳову ташкилотҳои байналмилалӣ ба ҷомеаи инсонӣ роҳ меёбанд, ғайриимкон ва мантиқан ғайри қобили қабул мебошад. Зеро, дар пасманзари ҳар як арзиши таблиғшаванда, ки ба арзишҳои миллӣ бархӯрд доранд, як арзиши миллӣ нобуд гардида, имконияти ба вуҷуд овардани холигии ахлоқӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқиро дар давлат дорад. Аз ин рӯ, озодии фалсафӣ, ки хусусияти мутлақ дошта, дар тафаккури аҳолии сайёра бо ба вуҷуд омадани низоми сиёсии демократӣ бештар ҷой гирифт ва боиси таблиғу ташфиқи арзишҳои ғайриахлоқӣ дар ҷомеа гардида истодааст, бояд дар доираи меъёри ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор дода шавад. Дар чунин ҳолат имконият фароҳам меояд, ки давлат баҳри расидан ба ҳадафҳои миллии худ ва нигоҳдошти Истиқлоли давлатӣ қадамҳои устувор ниҳода, ба бунёди ҷомеа дастёб гардад, ки асоси онро афзалияти меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Бо дарназардошти гуфтаҳои болозикр метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

– Раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккули илму техника, ки дар ду садаи сипаришуда бо суръати баланд инкишоф ёфта истодаанд, агар аз як тараф фаъолияти корӣ ва муошírати инсонро ба маротиб сабук намуда бошанд, аз тарафи дигар муносибатҳои ғайриахлоқӣ ва зиддифарҳангиро рӯйи кор оварда, як навъ мушкилотро барои нигоҳдошти Истиқлоли давлатӣ ва суботи комил ба вуҷуд овардаанд. Равандҳои ишорашуда, ки ба озодӣ ва ҳуқуқи шахс бартарият медиҳанд, боис бар он гардидаанд, ки дар муҳити илми ҳуқуқи инсон наслҳои нав рӯйи кор оянд. Вале, на ҳамаи ин ҳуқуқу озодӣ ба ҳадафҳои давлатсозӣ ва бунёди ҷомеаи инсонӣ созгор мебошанд. Аз ин нигоҳ, низоми ҳуқуқии миллии мо бояд дар заминаи арзишҳои таърихиву фарҳангӣ ва манфиатҳои миллӣ бунёд карда шавад.



**Некрӯз САФАРЗОДА**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ**

– Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи бунёди давлати миллӣ қадамҳои устувор ниҳода, газандёбии таърих, фарҳанг ва манфиатҳои миллиро дар раванди ҷаҳонишавӣ мавриди ҳифз қарор дода истодааст. Аммо, аз нигоҳи мо бунёди давлати миллӣ бидуни баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худшиносиву худогоҳӣ ғайриимкон мебошад. Бо ин мақсад, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» саривақтӣ буда, заминаи воқеиро дар самти бедории ҳувияти миллӣ ба вуҷуд меорад.

– Озодии фалсафӣ, ки дар заминаи низоми сиёсии демократӣ бештар рушд намуда, зеҳну ақли ҷомеаи инсониро ба худ ҷалб намудааст, дар ҳолатҳои зарурӣ бояд ба озодии ҳуқуқӣ табдил дода шавад. Зеро, мутлақият додан ба озодии инсон боиси ба вуҷуд омадани арзишҳои ғайриинсонӣ гардида, имконияти таъсири манфӣ расонидан ба истиқлоли давлатӣ ва ахлоқи ҷомеаро дорад. Аз ин нигоҳ, ҳангоми муайян намудани сарҳади озодии инсон, он набояд ҳамчун поймолсозии озодии ӯ баҳогузорӣ карда шавад.

– Аз мазмун ва моҳияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории миллӣ бар меояд, ки манфиатҳо ба се гурӯҳ ҷудо шудаанд: манфиатҳои шаҳрванд, ҷомеа ва давлат. Аз нигоҳи мо, дар сурати ба ҳам тавъам гардидани ҳар се гурӯҳи манфиатҳо имконияти воқеӣ фароҳам меояд то Истиқлоли давлатӣ нигоҳ дошта шуда, ҳадафҳои миллӣ татбиқ карда шаванд ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар доираи муқарарнамудаи қонун амалӣ гарданд.

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии мамлакат ироа мегардад, ҳамчун падидаи муҳимми сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар раванди эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва рушди низоми ҳуқуқии мамлакат мавқеи махсусро ишғол менамояд.**



**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА**
**мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон**

# НАҚШИ ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ТАҲКИМИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ барои таҳкими асосҳои сохтори конститутсионӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, таъмини адолати иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хусусан, мақомоти прокуратура дастуру супоришҳо медиҳанд.

Дар як маврид, дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти прокуратура барои таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муваззаф карда мешавад. Чунончи, Президенти мамлакат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 20-уми апрели соли 2011 таъкид ба амал оварданд, ки «фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, суд ва прокуратура бояд, пеш аз ҳама, ба таъмини амнияти миллӣ, волоияти қонун, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, терроризм, экстремизм, коррупсия, хариду фурӯши одамон ва таҳкими сулҳу суботи ҷомеа равона карда шавад».

**Вазъи мураккаби геополитикии ҷаҳони муосир ва паҳншавии зуҳуроти номатлубу даҳшатовари терроризм ва экстремизм, ки барои ҷомеаи башарӣ, сулҳу субот, амнияти давлат ва рушди устувори давлатҳо таҳдиди бевосита менамояд, на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки сайёраро ба ташвиш овардааст.**

**Чунин хатарҳои мудҳишро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳсос намуда, ҳамасола зимни ироаи паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ аз оқибатҳои даҳшатовари терроризм ва экстремизм, ки дар ин ё он гӯшаи ҷаҳон содир мегарданд, бо нигаронӣ ёдовар мешаванд ва баҳри мубориза бар зидди чунин зуҳуроти хатарнок дидгоҳу назар ва афкору андешаҳои аз лиҳози илмиву амалӣ асосноки хешро баён месозанд ва баҳри ҳифзу таъмини амнияти давлату ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус, мақомоти прокуратура муваззаф карда мешаванд.**

Бо мақсади пурзӯр намудани муқовимат ба экстремизм, терроризм ва коррупсия дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018 мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан, мақомоти прокуратура вазифадор шуданд, ки лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» ва «Дар бораи муқовимат ба коррупсия»-ро вобаста ба шароити имрӯза дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намоянд.

Ҳамин тавр, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» тибқи муқаррароти Конститутсия қабул ва 2-юми январи соли 2020 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардид. Қонуни мазкур дар пурзӯр намудани муқовимат ба экстремизм, баҳри ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» бо тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия қабул ва 7-уми августи соли 2020 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шуд. Қонуни номбурда асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат ба коррупсияро муайян намуда, ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ нигаронида шудааст.




Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 26-уми декабри соли 2019 таъкид намуданд, ки «Шарти муҳимми ба даст овардани муваффақият дар мубориза бо терроризм ва экстремизм фаъолияти ҳамоҳангшудаву босамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тақвияти заминаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо дар ин самт мебошад». Сарвари давлат дар ҳамин Паём аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», ки 16-уми ноябри соли 1999 қабул гардида буд, ёдрас шуданд ва вобаста ба талаботи замон масъалаи такмил додани онро таъкид намуда, ба вазоратҳои адлия ва корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Прокуратураи генералӣ супориш доданд, ки лоиҳаи қонуни зикршударо дар таҳрири нав таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Ҳамин тавр, барои иҷрои талаботи Паёми зикршуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» тибқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия қабул ва 23-юми декабри соли 2021 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Қонуни мазкур принсипҳои асосии муқовимат ба терроризм, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии пешгирии терроризм ва мубориза ба он, роҳу усулҳои бартараф намудани оқибатҳои амали террористиро бо мақсади таъмини бехатарии шахс, ҷамъият ва давлат, ҳифзи соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26-уми январи соли 2021 бо мақсади идома додани корҳо дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм Прокуратураи генералӣ муваззаф гардид, ки лоиҳаи нави «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025»-ро таҳия ва ба баррасии Ҳукумат пешниҳод намояд. Ҳамин гуна, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1-уми июни соли 2021, таҳти № 187 «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» тасдиқ карда шуд. Стратегияи мазкур мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуда, ҳадафҳои ниҳоии амалисозии он таъмини бехатарии аҳолӣ ва фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа, баланд бардоштани эътимоду боварии шаҳрвандон нисбат ба мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳкими ваҳдати миллӣ, ҳифзи авзои ороми сиёсию ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ дар мамлакат мебошад.

Мувофиқи банди 3) моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» ва сархати сеюми моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» яке аз субъектҳои ба терроризм ва экстремизм бевосита муқовиматкунанда Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар қонунҳои зикршуда ваколатҳои Прокуратураи генералӣ дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм пешбинӣ ва мушаххас карда шудаанд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ 23-юми декабри соли 2022 низ дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур фармуданд. Чунончи, Сарвари давлат дар ин Паём ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур донистанд, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад. Аз ин рӯ, Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ вазифадор шуданд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо масъалаи таъсиси маркази зикршударо омӯхта, пешниҳодҳои худро ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.**

Хулоса, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ ва санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар баланд бардоштани вазъи иҷтимоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳкиму тақвияти фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус, мақомоти прокуратура баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муқовимат ба терроризм, экстремизм, коррупсия ва дигар ҷиноятҳо, таъмини волоияти қонун, амнияти давлату миллат, таҳкими қонуният ва ҳифзи суботу оромии кишвар мусоидат менамоянд.






Варқаи ЗАЙНИДДИН
Ёвари калони прокурори вилояти Хатлон, мушовири адлияи дарачаи 1



# РӮҲИ ШИКАСТНОПАЗИРИ ҶАШНИ НАВРӮЗ

Наврӯз яке аз қадимтарин идҳои мардуми ориёнажод, аз ҷумла, мардуми тоҷик ба шумор меравад. Тавре ки дар китобҳои таърихӣ омадааст, аввалин касе, ки ин идро ҷашн гирифт, подшоҳи бузург аз насли Пешдодиён бо номи Ҷамшед буд. Тибқи мушоҳидаи мунаҷҷимон аз замони шоҳ Ҷамшед 21-уми март шабу рӯз баробар шуда, рӯзи аввали баҳор, рӯзи кишту кори деҳқон ба шумор меравад.

Наврӯз, ин ҷашни миллӣ, бостонӣ ва басо дӯстдоштании мардуми ориётабор ва мардуми Шарқ аст. Хушбахтона бо пешниҳоду ташаббуси наҷиби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва дигар кишварҳои ҳавзаи Наврӯз аз тарафи иҷлосияи 64-уми Ассамблеяи генералии СММ дар соли 2010 қабул ва бо қатъномa дар бораи «Рӯзи байналмиллалии Наврӯз» эълон гаштани санаи 21-уми март, дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гаштану қадршиносӣ гаштааст, ҷашни миллӣ ва ифтихории мо тоҷикону дигар миллатҳои дӯсту бародари минтақа ҳаст ва он ба ростӣ боиси ифтихори ҳар як фард низ бояд бошад.

Ибораи Наврӯз бо миллати мо алоқамандии зич дорад. Ба он хотир, ки маънои номи ин миллат худ фари шоҳист ва ин ибораи тоҷ ва фари шоҳӣ касро ба гармӣ, нармӣ, зебоӣ, нур, тозагӣ, ақл, хирад, шодмонӣ, бардамӣ, накукорӣ, созандагӣ бурда, худ ифодагари ҷаҳони Наврӯз аст ва ин ном аз ин ҷашни бузурги ориёӣ маъво гирифтааст.

Ин ифодагари ғалабаи нур бар зулмот, рӯшанӣ бар торикӣ, некӣ бар бадӣ, адолат бар беадолатӣ, ҳикмат бар ҷоҳилист. Ин амал нишонаи созандагии миллати мост. Наврӯз ба унвони иди баҳор ва эҳёи табиат дар кулли кишварҳои Осиёи Марказӣ, як қисми Чину бархе аз вилоятҳои Муғулистон, Ҳинду Покистон, кишварҳои Туркия, Босния ва Герсоговина, Албания, Косово, кишварҳои Қафқоз, марзҳои Руссия ва ғайраҳо ҷашн гирифта мешавад.

Наврӯз дар Тоҷикистон дар замони истиқлолият ба таври расмӣ ҳар сол 21 март ҷашн гирифта мешавад.

Фалсафаи наврӯз, фалсафаи басо бузурги миллии мост!

Худи Наврӯз ба андешаи банда, дар таърихи миллати мо паҳлавонеро мемонад, ки мисли Рустами Достон шикастнопазир аст ва дар саҳифаҳои таърихии худ ҳамаи истилогарони нохондаеро чун мақдуниҳою арабҳо, турку муғулу қарахитоиҳо, бо шукӯҳу шаҳомату фалсафаи бузурги фарҳангиву адабии худ тӯли таърих бе ҷанг сахт шикаст додаву тамаддуни ориёиро бо худи ҳамин номи аслии ориёӣ-тоҷикӣ «Наврӯз» бе ҷангу харҳаша чун паҳлавони ғолиб ба онҳо пешниҳод намудаву мардуми зиёди ҷаҳон онро ба хуби пазируфтаанд. Зеро фалсафаи Наврӯз пеш аз ҳама инсонпарстиву покизагиву росткориву ободкорист!

Аз ин рӯ, ҳар яки шуморо ҳамватанони азиз ба муносибати ин иди кӯҳанбунёд, иди баҳор ва зебоӣ, некӯ ва некӯкорӣ, иди дӯстии байни миллатҳо табрик гуфта, ба ҳамаатон саодатмандӣ сарбаландӣ ва хушбахтии оилавиро орзӯ менамоям.

Ба гуфти шоир Мирзо Лиқои Дарвозӣ

**Наврӯз шуд азизон фасли баҳор омад,**
**Мурғи дили маро зуд завқи шикор омад,**
**Дар гӯшаи гулистон моро гузор омад,**
**Дидам фиғони булбул аз ҳар канор омад,**
**Аз шавқи нолаҳошон гулҳо қатор омад.**

# ШОД БОШ АЙ ҲАМВАТАН, КИ НАВРӮЗ ОМАД!



Дилноза СИРОҶИДДИНОВА
донишҷӯи соли 3

Наврӯз бо ҳусну тароват ба сарзамини соҳибистиқлоли мо Тоҷикистон хуш омадӣ! Биё то сарзамини мо гулафшон шавад!

Наврӯз баёнгари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, сиришти маънавӣ, орзую ормон, расму ойин, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии миллатамон ба шумор рафта, дар тӯли мавҷудияташ арзишҳои фарҳанги миллии моро дар таркиби худ ҳифз кардааст.

Лозим ба ёдоварист, ки Наврӯз ҳамчун тантанаи идона маҳсули офаридаҳои мардуми форснажод, аз он ҷумла, тоҷикон аст. Бояд қайд намуд, ки иди миллии мо Наврӯз яке аз идҳои қадимтарини дунё ба ҳисоб меравад, зеро бо зебоӣ, накҳату тароват, сабзиш, қадимият фалсафаи бой дошта, дар миёни тамаддуни ҷаҳонӣ ҷойгоҳи сазоворро касб кардааст. Анъанаҳои асрҳои аср риоягардида, то замони мо омада расидаанд. Наврӯз сирф иди мардумӣ буда, ба ягон мазҳабу дин алоқамандӣ надорад. Наврӯз дар ҳар гуна шароит тавонистааст асолати худро нигоҳ дорад. Яъне сиёсатбозиҳо натавонистанд моҳияти Наврӯзро тағйир диҳанд, ин аз он далолат медиҳад, ки ин ид рӯҳи халқ, ҳастии фарҳанги қадимаи мардум буда, дар дили мардум ҷой гирифтааст. Наврӯз чун хатти устувор дирӯзу имрӯзро пайваста, дар ин замина бо ранги нав дар замони соҳибистиқлолӣ ба ҷилва омад.

Бо шарофати сиёсати фарҳангдӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон бахри густариш ва таҷлили арзандаи Наврӯз шароити созгор муҳайё гардид. Ва ин омил, ба эҳёи анъанаҳои наврӯзӣ мусоидат намуд. Дар тасаввуроти мардум Наврӯз иди сари сол, бедоршавии хок, оғози кишту кори баҳорӣ аст.




Ин пайки шодмонӣ ва шодкомӣ рамзи офариниши ҷаҳон, осмону ситорагон, гулу гиёҳ ва мавҷудияти инсон буда, ба зиндагӣ оғози нав ва накҳати тоза мебахшад. Дар гузашта барои ҷашни Наврӯз бо самимияти зиёд омодагӣ медиданд ва рӯзи навро ба шодию фараҳ дар хонаву наврӯзгоҳҳо пешвоз мегирифтанд. Имрӯз ҳам дар ҳар як хонадон Наврӯзро бо расму оинҳои суннатии аҷдодонамон истиқбол мегиранд ва азизу гиромӣ медоранд. Воқеан ҳам, Наврӯз яке аз ҷашнҳои мардуми ориёитабор аст. Аз ин рӯ, дар ин ҳангом шодию нишот ва фараҳмандӣ дар тамоми хонадони сокинони кишвари соҳибистиқлоли мо танинандоз мегардад.

**НАВРӮЗ ФАРХУНДА БОД!**

# ДАРГОҲЕ, КИ ҲАМА ҚАЛАМБАДАСТАНД

## (ба пешвози 10-солагии “Минбари ҳуқуқшинос”)

10 сол пеш бо саъю кӯшиш ва талошҳои декани факултети ҳуқуқшиносӣ устод Насриддинзода Эмомалӣ рӯзномаи нав бо номи “Минбари ҳуқуқшинос” таъсис дода шуд. Бо пешниҳоди он кас ман сармуҳарририи ин рӯзномаро ба ӯҳда гирифтам. Он замон мудири кафедраи телевизион будам. Ин масъулиятро бе ягон максаду таъини маош иҷро кардем. Ба таъбир, барои факултети овоздор хидмат кардем ва аз ин пушаймон нестам. Баръакс, ҳамеша аз сармуҳарририи ин газета бо ифтихор ёд мекунам. 7 шумораи аввалро дар ҳаҷми 8-саҳифагӣ дар матбааи Оила-принт чоп кардем. Дар ин миён шогирдони ҳамин факултет аз ҷумла Ҷаҳонгир Саъдизода, Миралиев Эмомалӣ ва Некрӯз Сафарзодаро омода кардем, ки минбаъд кори газетаро онҳо пеш бурданд. Ёд дорам, ки устод Насриддинзода Эмомалӣ гуфтанд, ки рахмат барои чунин шогирдони қобилро омода карданат. Рости гапро гӯям, ман худам низ дар ин мактаб хело чизҳо омӯхтам. Зеро, тахти сарварии роҳбари сахтгир Насриддинзода Эмомалӣ кор кардан осон набуд. Супориш, ки дод, бояд хатман иҷро шавад, зеро хотири он кас дар назди ҳар нафар корманд ва муаллим хело баланд буд.

Факултети ҳуқуқ даргоҳест, ки донишҷӯёни босаводро фаро гирифтааст, яъне контингенти асосии мактабҳои миёна махз хоҳиши дар ин ҷо давом додани таҳсилро доранд. Дар давоми кор дар ин ҷо ман дарк кардам, ки ҳар нафар донишҷӯ меҳоҳад мақола нависад. Навбати мақола дар газета ба таври ҳайратовар буд. Устодони ин даргоҳ ҳама масъулиятшиносанд, ҳама қаламбадастанд, ки офаринашон. Ин он чизест, ки назираш ҳатто дар факултетҳои ба таъбир суханварӣ нест. Ҳар факултет наметавонад соҳиби як газета бошад, агар чунин потенсиали






**Саъди МАҲДӢ**
**директори Муассисаи давлатии «Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон»**

илмии бақувват надошта бошад. Зинда бошед, устодон ва муҳассилини ин даргоҳ!

Дар интиҳои сухан, ман чун аввалин сармуҳаррири ин рӯзнома ба муассиси нашрия, раёсати донишгоҳ дар шахсияти ректори он Хушвахтзода Қобилҷон, баъдан, декани факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсент Парвон Мирзозода ташаккур гуфта, ҳаёти устодону кормандони факултет ва коллективи эҷодии нашрияро ба муносибати 10-умин солгарди таъсисёбии он табрику таҳният мегӯям ва барояшон муваффақиятҳои беназирро таманно дорам.

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС – ВОСИТАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОНОН



**Дониёр САНГИНЗОД**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба корҳои илмӣ**

«Минбари ҳуқуқшинос» дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз рӯзҳои аввали нашр барои кулли донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ҳамчун нашрияи чопӣ бо мубрамият, пайдарпайӣ, оммавият ва фарогирии ҳаматарафаи масоили илмию оммавии ҳуқуқшиносӣ мақбул гардид ва доираи васеи хонандагонро ба худ ҷалб намуд. Дар ин моҳнома мақолаҳои илмию оммавӣ нашр мегарданд, ки ба соҳаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ нигаронида шуда, масоили таърихи ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро инъикос мекунанд ва омузиши ин гуна мавзуъҳо дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мубрам мебошанд.

«Минбари ҳуқуқшинос»-ро метавонем бо хусусиятҳои зерин аз дигар нашрияҳо фарқ намоем. Аввалан, моҳнома бо маҳорати баланди муаллифони шарҳи фактҳои ҳуқуқӣ фарқ мекунад. Мутахассисони дорои дониши амиқи назарияи давлат ва ҳуқуқ, соҳаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, инсон, нақлиёт, байналмилалӣ, соҳибкорӣ, сайёҳӣ, маданӣ, криминалистика, ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин соҳаҳои дигар ҷалб карда шуданд. Сониян, моҳнома дар асоси асосҳои сохтори конститутсионӣ ва идеяҳои давлатдории миллӣ нашр мешавад. Саввум, фаъолияти ин нашрияи даврӣ ба шарҳи қонунгузории амалкунанда равона гардидааст. Чорум, хонандагони ин моҳнома саволҳо мефиристанд ва ҷавобашро дар шумораҳои нашрия мегиранд. Панҷум, моҳнома макони «виртуалӣ»-и муоширати ҳуқуқшиносон ва мутахассисони илмии ҳуқуқ буда, робитаи мутақобилаи ҳуқуқшиносии назариявӣ ва амалиро пайванд мекунад.

# ГАЗЕТА «ТРИБУНА ЮРИСТА»: НЕЗАМЕНИМЫЙ ИСТОЧНИК ПРАВОВОЙ ИНФОРМАЦИИ

Газета «Трибуна юриста» - издание, которое находит своих почитателей среди профессиональных юристов, адвокатов, государственных служащих, студентов, магистрантов и всех, кто интересуется правовой сферой. Она является одним из наиболее авторитетных изданий в сфере права в Республике Таджикистан.

Первое издание Газеты «Трибуна юриста» вышло в 2013 году, и с тех пор зарекомендовала себя как надёжный источник правовой информации, позволяющий быть в курсе всех изменений и новшеств в правовой сфере.

Отрадно отметить, что сегодня мы отмечаем юбилей — 10-летие Газеты «Трибуна юриста»! Этот день — важный для всех нас, кто заботится о правах и законности в нашем обществе. За эти годы Газета стала настоящим опорным пунктом для всех, кто интересуется юридическими вопросами и стремится узнать о новых законодательных инициативах. Благодаря труду команды редакторов, на страницах газеты мы находим интересные статьи, аналитические материалы, которые помогают нам лучше понимать современное правовое положение в стране. Во многом благодаря настоящей Газете, читатели стали более осведомлёнными о своих правах и обязанностях, а также о возможностях, которые даёт современное законодательство. Благодаря Газете, мы стали более активными и готовыми



**Умед МУРОДЗОДА**
**ассистент кафедры конституционного права**

защищать свои права, когда это необходимо.

Конечно, за эти 10 лет газета прошла через многое. Но несмотря на сложности, команда редакторов продолжает работать, чтобы предоставлять своим читателям актуальную и достоверную информацию. Именно этот подход, привёл к тому, что Газета «Трибуна юриста» стала лидером в своей области.

Я очень благодарен Газете за ее труд и упорство в достижении целей. Я уверен, что в будущем она продолжит служить нашей Родине!

# МИНБАРИ МО

**Амирҷон ИНОМОВ**
**донишҷӯи соли 3**



Нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос»-и факултети ҳуқуқшиносии ДМТ яке аз моҳномаҳои муваффаке маҳсуб меёбад, ки барои мо ошно буда, дар ташаккули шахсияти донишҷӯёни факултет саҳмгузор аст. Он дар тӯли фаъолияти даҳсола, дар арзёбии зарфиятҳо ва муаррифии факултет нақши боризи худро гузошта, ҳамчунин, оид ба хабардорсозии донишҷӯён аз рӯйдоду навгониҳо дар факултет кори шоистаро анҷом додааст.

Азбаски аз таъсиси нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос» 10 сол сипарӣ шуд, меҳоҳам кормандони онро бо ин ҷашни таърихӣ муборакбод намоям. Зеро, нашрияи мазкур дар мукаммалсозии донишу, ахлоқ ва фарҳанги ҳуқуқии банда нақшгузор аст.

Умедворам, ки нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос» минбаъд низ дар рушди нумуи факултет ва кормандони он рисолати таърихии худро фаъолона иҷро мекунад.

**Азиза МАМАДЖАНОВА**
**студентка 2-го курса**



В течение последних 10 лет Газета «Трибуна юриста» была важным источником информации и знаний для всех, кто интересуется правовой сферой и юриспруденцией. Это огромное достижение, которое заслуживает восхищения и уважения со стороны всех, кто ценит качественную журналистику и профессиональный подход к своей работе. Данное издание играет важную роль в распространении информации и знаний в области права, а также способствует развитию правовой культуры в нашей стране. Хочу выразить вам свою искреннюю благодарность за вашу трудолюбивую работу и высокий профессионализм, а также за то, что вы делаете журналистику, которая имеет значение. Мы желаем вашему изданию дальнейшего успеха и процветания, чтобы оно продолжало служить важным инструментом для распространения знаний и просвещения в области права.

**Shukrona MIRZOEVA**
**2nd year student**



The “Lawyer Rostrum” newspaper is a publication that promotes the education of young lawyers in the spirit of justice, humanism, and provides opportunities to enhance the legal knowledge of future lawyers. Students look forward to each issue of the newspaper, and it is through it that students can read and analyze scientific and theoretical articles by professors and lawyers, and submit their articles. The best way to educate future lawyers is to encourage them with publishing outstanding experience of experienced lawyers, tell them their story and motivate them to study better and stay focused on learning codes and protection of human rights. In this process the role of “Lawyer Rostrum” is incredible. As a part of the Law faculty of Tajik National University I would like to congratulate all the respected teachers and students with 10th anniversary of “Lawyer Rostrum” newspaper and wish to the work of its team success and blessings.

**Фаррух НАЗАРЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**

Рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» яке аз рӯзномаҳои соҳавӣ ба ҳисоб рафта, он дар асоси қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ифтитоҳ ёфтааст. Ман, инак тули ду сол мешавад, ки рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос»-ро мутолеа менамоям. Маҳз пас аз хондани он аз дастовардҳои илмӣ-ҳуқуқии омӯзгорон, олимону аспирантон, докторантон ва кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ бо хабар мегардам. Воқеан ҳам дастовардҳои донишҷӯён ва устодони факултети ҳуқуқшиносӣ боиси ифтихори ҳамаи мо донишҷӯён мебошад. Ба хотири чунин дастовардҳои муҳимро дастраси мо донишҷӯён на-



мудан минатдории хеш ва дастаи олимпии факултетро ба рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» мерасонам ва аз фурсати муносиб истифода бурда рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос»-ро барои даҳ сол хизмати пурсамар расониданаш табрик намуда, дар оянда ҳам муваффақиятҳои нав ба навро орзумандам!

**Снежелана ОКИЛОВА**
**студентка 2-го курса**



За 10 лет «Трибуна юриста» прошла нескончаемый путь. Первый выпуск газеты был издан в марте 2013 года, с тех пор газета выходит ежемесячно. Данный выпуск был издан к международному празднику «Навруз». В тематику «Трибуны юриста» входят высказывания Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, научные статьи на таджикском, русском и английском языках, основные события в университете и государстве. За время своего существования «Трибуна юриста» менялась как в объёме и оформлении, так и в тематике публикаций, но оставалось главное - она была близка к читателям. «Трибуна юриста» даёт возможность своим читателям стать непосредственными их участниками. Мы гордимся, что в нашем университете существует такая интересная и нужная газета, которая издаётся благодаря руководству университета и коллективу редакции. с юбилеем газеты.

**Dilshod SHARIPOV**
**3rd year student**

“Lawyer Rostrum” newspaper has been a gorgeous opportunity and helpful scientific material for all law faculty students, for expanding our legal knowledge which is sorely useful and enhancement of our understanding in the field of law. There truly exists the accessibility to scientific – theoretical information, legal analyses, promotion of scientific – legal awards of teachers, scientists, postgraduates, doctorates and university and faculty staff. In addition to that, one of the most significant



aspects of the newspaper is the availability of scientific articles by law – enforcement agencies staff. Every single student of the law faculty intends to work at some law – enforcement agencies after graduation and therefore the existence of the scientific articles by their staff is considered heartily helpful and inspires us in the most efficient way. And also, should be noted that it is a tremendous opportunity and our own advantage that, we are given the access to propose our own scientific articles to editorial board of “Lawyer Rostrum” newspaper for publishing. Another essential aspect of the newspaper is spreading the news about scientific events, occasions, conferences and contests which take place throughout the university and faculty or outside of university in which law faculty teachers and students take part. “Lawyer Rostrum” newspaper was released for the first time in March, 2013. And now it has been 10 years since its first release. During these 10 years of successful activity there have been published more than 95 series of newspapers. Therefore, I want to use this great opportunity and congratulate the “Lawyer Rostrum” newspaper, its editorial board and editor in chief on the occasion of the 10-th anniversary of the “Lawyer Rostrum” newspaper.

**Муҳаммадҷон БАРОТОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос» яке аз беҳтарин ва боарзиштарин рӯзнома дар қатори дигар рӯзномаҳо ба шумор рафта, тӯли 10 сол мешавад, ки машғули муаррифии омӯзгорон ва донишҷӯён аст. Бояд қайд намуд, ки нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос» манбаи ғании ғизои маънавӣ буда, то имрӯз



хонандагони бешумореро мавриди таваҷҷуҳи худ қарор додааст. Бешубҳа, ин нашрия барои тамоми донишҷӯён дастрас буда, онҳо метавонанд дилхоҳ вақт аз он самаранок истифода бурда, истеъдоду малакаи мухталиф ва санъати эҷодкориву савияи дониши худро тавассути ҳамин нашрия ба дигарон муаррифӣ намоянд. Аз фурсати муносиб истифод бурда, тамоми масъулини рӯзнома, ҳамчунин, донишҷӯён ва дигар ашхосе, ки бевосита дар рушд ва пешрафти «Минбари ҳуқуқшинос» ширкат доранд, ба муносибати 10 солагии нашрия табрик шодбош гуфта, дар фаъолияти минбаъдаи эшон дастовардҳои беназирро таманно менамоям.

**Мадина ХАЛИМОВА**
**студентка 2 курса**



В этом году Газета «Трибуна юриста» отмечает 10-ти летие. За 10 лет было опубликовано более 95 выпусков и сотни статей на разные юридические темы. Газета «Трибуна юриста» — одна из лучших и наиболее ценных газет среди других газет Таджикского национального университета, которая существует уже 10 лет. Следует отметить, что газета «Трибуна юриста» является богатым источником духовной пищи и привлекает внимание бесчисленного количества читателей в правовой сфере. Несомненно, эта газета доступна для всех студентов, и они могут эффективно использовать его, когда захотят, или представить свои таланты и навыки, творческие способности и уровень знаний другим через этот журнал, свободно думать и выражать свои идеи и предложения. Пользуясь случаем, хочу поздравить всех редакторов газеты «Трибуна юриста», с 10-летием газеты, и желаем уникальных достижений и новых изменений в дальнейшей деятельности.

# «МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС» –

**Убайдулло АЗИЗЗОДА**
**мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, профессор**



Аз таъсисёбии нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос» 10 сол сипарӣ гашт. Аввалин шумораи рӯзнома 19 марти соли 2013 нашр гардид. Дар тули 10 соли сипаригардида шумораҳои зиёди он нашр гардид, ки таҳлили масъалаҳои мубрами ҳаёти ҳуқуқшиносиро фарогир буданд. Дар нашрия мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавӣ, таҳлили воқеияти ҳуқуқию давлатӣ, тафсири қонунгузорӣ ва шарҳи мафҳуму масъалаҳои ҳуқуқию давлатӣ нашр мегарданд. Ба рӯзнома на танҳо ҷамъияти хонандагони донишгоҳ дастрасӣ доранд, балки он ба ҳама мақомоту идораҳои давлатӣ, муассисаҳои таълимию илмӣ, китобхона ва муассисаҳои фарҳангии кишвар ирсол мегардад.

Нашри ҳар як шумораи рӯзномаро кулли хонандагон бесаброна интизорӣ мекашанд, чун маводи зиёди хонданӣ ва маълумоти саҳеҳу илман асосноки мухталифро аз ҳар шумораи он пайдо намудан мумкин аст. Ҳамчун манбаи иттилооти дақиқи ҳуқуқӣ ва тарғибгари сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурӣ он дар баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва сиёсии аҳолӣ нақши босазо гузошта истодааст.

Умед дорем, ки дар оянда низ нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос» ин рисолати худро сарбаландона иҷро менамояд.

**Ҷашн муборак!**

**Шукрулло ҒАЮРЗОДА**
**мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, профессор**

Мо, хонандагон ва хаводорони рӯзномаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Минбари ҳуқуқшинос», дар арафаи ҷашни 10-солагии таъсисёбии он қарор дорем. Аввалин интишори он 19 марти соли 2013 буда, то ба имрӯз 184 адади он чоп шудааст. Чунин натиҷаи кори таҳия ва интишор маҳсули заҳмати ҳайати таҳририя зери роҳбарии оқилонаи сармуҳаррири он Эмомалӣ Бобоевич Миралиев – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия мебошад. Таъсис ва фаъолияти рӯзномаи мазкур аҳаммияти таърихӣ дорад.

Мо худамон дар минбари озод фикру андешаҳои худро иброз мекунем, нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллатро ҷонибдорӣ намуда, арзишҳои бунёдии давлати худро мефаҳмонем, оид ба паҳлуҳои таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии ҳаёти факултет ва донишгоҳ андешаронӣ мекунем. Донишҷӯён, магистрон



ва докторантонро барои шомил шудан ба ин ҷараёни нақшгузорӣ, эҷоди мақола, гуфтугӯ, баёни шеър, такмили ҷараёнҳои таълимию маърифатӣ даъват мекунем. Мо ҳуқуқшиносоне ҳастем, ки минбари озод, ватандор ва пешводор ҳастем.

Ҳуқуқшиносии муосир саҳифаҳои гуногуни Интернетӣ, маҷалла, китобҳои замонавии дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва дигар воситаҳои таълимӣ, илмӣ ва тарбиявӣ дорад. Билохира, ҳуқуқшиносии муосир - Ватан, дониш, одоби касбӣ ва «Минбари ҳуқуқшинос» дорад.

**Изатулло МАҲМУДОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, дотсент**



Аз замони таъсиси моҳномаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон инак даҳ сол сипарӣ гашт. Рӯйи кор омадани он яке аз воқеаҳои фараҳбахши ҳаёти фарҳангии кишвар ба ҳисоб рафта, дар фазои иттилооти ҷомеа таҳаввулоти ҷиддиро ба миён овард. Дар як муддати кӯтоҳ, моҳнома бо дарназардошти фаро гирифтани матолиби бою ғанӣ, омӯзандаву мароқангез ва созгор ба набзи ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа, тавонист, ки хаводорону хонандагони сершумори худро пайдо намояд. Дар он, аслан иттилооти боэътимоду хонданӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии факултет, роҳи пурифтихор тайнамудаи он, фаъолияти ибратомӯзу писандидаи устодони забардасту олимони шуҳратёри ин коҳи муҳташами илму хирад, ҳаёти донишҷӯён, саҳифаҳои дурахшони рӯзгори ҳуқуқии кишвар, ҷашнвораҳои миллӣ, инчунин таклифу пешниҳодҳои олимон оид ба рушди қонунгузорӣ ва такмили низоми ҳуқуқии кишвар ба чоп мерасанд.

«Минбари ҳуқуқшинос» ҳамчун нашрияи навтаъсис дар воқеъ дар ҷодаи болоравии фарҳанг ва камолоти афкори ҳуқуқии устодону олимон, шогирдон ва дигар пайравони аҳли ҳуқуқ саҳми бориз гузошта, ба минбари ҳақиқии таблиғи муҳимтарин ҳодисаҳои рангоранги ҳаёти ҳуқуқии кишвар ва донишҳои ҳуқуқии аҳолӣ табдил ёфтааст. Он тавонист, ки дар заминаи кору пайкори беназири масъулони ҳайати таҳририя ба ҳадаф ва мақсади асосии таъсисёбии худ муваффақ шавад.

Ҷашни 10-солагии таъсисёбӣ муборак!

**Зарина НАЗАРОВА**
**мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ, дотсент**

Нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос» шакли зинда, муассир, фаврӣ ва фарогиранда ҳамаҷонибаи ҳаёти факултет ба ҳисоб меравад. Он на танҳо воситаи паҳнкунандаи ахборот, балки тарбиякунандаи насли ҷавон дар рӯҳияи хештаншиносӣ ва меҳандӯст аст.

Дар арафаи таҷлили иди байналмилалии Наврӯз боиси сарфарозии мо аст, ки дар фазои сулҳу суботи Ватани азизамон 10-умин солгарди таъсис ёфтани нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос»-ро бо шукӯҳу шаҳомати хоса ва самимияти беандоза ҷашн мегирем.

Тайи ин солҳо касбият, таҷриба, инъикоси фаъолияти ҳамарӯзаи факултет тавассути



мақолаҳои мубрам дар рӯзнома нуфуз ва эҳтиромро байни дигар рӯзномаҳои самти маориф афзудааст.

Итминони комил дорем, ки нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос» минбаъд низ барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон, раванди таълими донишҷӯён ва мубодилаи таҷрибаи омӯзгорон фаъолияти хешро тақвият дода, чун ҳамеша рӯзномаи рӯйимизии ҳар як ҳуқуқшинос ва хонандагони бешумори худ мегардад.

Барори эҷодӣ ва хонандагони нави бофарҳангро таманно дорем!

**Аваз НАЗАРОВ**
**мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ, профессор**



Воқеан, яке аз нашриҳои мутолиапазир барои ҳар як нафари ҳуқуқшинос рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" махсуб меёбад. Зеро, дар он масъалаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии мамлакат инъикос мегардад. Ба монанди таҳлили Паёмҳои Пешвои муаззами миллат, шарҳи қонунгузории амалкунанда, моҳияти Истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои он, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва давлатдории навин. Яъне, дар тамоми самтҳои илми ҳуқуқшиносӣ мақолаҳои устодону донишҷӯён ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нашр мегардад.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади ба таври васеъ дастраси омма гардондани шумораҳои рӯзнома, адади нашри он васеъ гардонида шуда, ба рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" мақоми ҷумҳуриявӣ дода шавад, зеро дар он масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ нашр шуда, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, ки яке аз ҳадафҳои асосии давлат махсуб меёбад, дар он талқин мегардад.

Ба аҳли таҳририяи нашрия бурдборӣ орзу менамоям.

**Ҷурабек ҚОДИРОВ**
**и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ, дотсент**

Нахустшумораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» бо номи хушсадову умедбахш, барои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, хусусан ҳайати устодону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ба табъ расид. Мақсаду мароми рӯзнома аз номи он мушаххас равшан аст ва интихоби чунин ном моҳият ва тафовути ҷиддии ин рӯзномаро аз дигар



рӯзномаҳои соҳавӣ вобаста аз усулгарой ва собитқадамии он дар самти иҷрои рисолати касбӣ бозгӯ менамояд. Воқеан ҳам, дар шароити имрӯза барои онҳое, ки ба ин касб таваҷҷуҳ доранд, бидуни чунин рӯзнома ҳамчун минбари бедории сиёсӣ ва озодандешӣ, изҳори ақидаю расидан ба худшиносии миллӣ хеле муҳиму зарурӣ аст.

Ба андешаи мо дар тӯли даҳ соли фаъолият рӯзномаи мазкур бо дахолати боҷуръатона ба инъикоси мушкилоти ҷомеа, умуман масъалаҳои таҳкими давлатдории миллӣ, ҳимояи арзишҳои миллӣ ва сохтмони давлати ҳуқуқбунёд, таҳким ва рушди қонунгузории миллӣ ва дигар масоилҳои ба фарҳанг ва шуури ҳуқуқии ҷомеа алоқаманд, афкори оммаро завқ бахшида, шуури сиёсиро такон дода, хусусияти ҷамъиятию сиёсӣ доштани худро собит намудааст.

Умедвор ҳастем, ки рӯзномаи мазкур дар фаъолияти эҷодии минбаъдаи худ интишори ақидаро муқаддам шумурда, бо такя ба факту далелҳои муътамад ба баррасии ботамкини рӯйдоду воқеаҳо даст зада, вазифаи завқ додани андеша ва ба вуҷуд овардани афкори озоди хонандагонро иҷро хоҳад намуд.

10 соли комёбиҳо муборак!

**Некруз ҚОДИРОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ, н.и.ҳ.**



Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пойгоҳи бузурги илмӣ буда, оид ба тайёр кардани мутахассисони варзида дар самти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва иҷрои қонун дар сохторҳои мақомотҳои давлатӣ нақши беназир дорад. Дар ин раванд, нақши яке аз нашрияҳои соҳавӣ – "Минбари ҳуқуқшинос", ки дар факултет фаъолияти пурмаҳсул дорад, назаррас аст.

# ОИНАИ ҲАЁТИ ҲУҚУҚИИ КИШВАР

Аз замони ташкили рӯзнома то имрӯз садҳо мақолаҳои илмӣ-оммавӣ дар бахши Истиқлолият, Рӯзи забон, Конститутсия, рӯзи Президент, Иҷлосия, Ваҳдат ва мисоли ин нашр гардидаанд. Лозим ба ёдоварист, ки соли равон таъсиси рӯзномаро 10 сол мешавад ва масъулияти муҳаррири рӯзнома ба уҳдаи ҷавони муваффақ ва донишманд – Миралиев Эмомалӣ Бобоевич гузошта шудааст. Дар ин масъулити ҷиддӣ ба Миралиев Э.Б. бурдбории нав ба навро орзумандем.



**Муҳаммад РАҲМОНЗОДА**
**мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, дотсент**

Дарвоқеъ, васоити ахбори омма яке аз самтҳои асосии фаъолияти инсоният ба шумор меравад ва онро беҳуда сутуни чоруми ҳокимият нагуфтаанд. Нашрияи "Минбари ҳуқуқшинос"-и факултети ҳуқуқшиносӣ барои устодон, кормандон ва донишҷӯёни факултет чун обу ҳаво зарур аст. Зеро имрӯз нашрия дар фазои донишгоҳ ва факултет фаъолияти судманд дошта, хонандаи зиёдеро ҷалб намудааст.

Дар шароити кунунӣ мавҷудияти чунин як воситае, ки қишрҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла, ҷавононро аз воқеияти ҳаводиси рӯхдода огоҳ намояд, зарурӣ дониста мешавад. Зеро, имрӯз шабакаҳои хабарӣ то дараҷае инкишоф ёфтаанд, ки насли ҷавон на дар ҳама ҳолат ахбори дуруст ва манфиатнокро пайдо карда метавонад. Дар ҷода, боварии комил дорем, ки нашрияи "Минбари ҳуқуқшинос" аз уҳдаи ин масъулияти бузург мебарояд. Чунки нашрия инъикоскунандаи мавзуъҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқӣ мебошад, ки хонандагон ба таври васеъ аз он истифода мебаранд.

Ҷашн муборак бошад!

**Одилбек МАВЛОНАЗАРОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, дотсент**



Тавре ки маълум аст, асри XXI асри иттилоот аст ва баъзан онро ҷомеаи иттилоотӣ ном мебаранд. Аз ҷиҳати дигар, дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ нақши расонаҳо торафт боло меравад. Бинобар ин, вазифаи мо дар ин вазъияти мураккаб ҳамқадам бо ҷомеаи ҷаҳонӣ будан ва дар айни замон нигоҳ доштани арзишу асолат ва тафаккури миллӣ мебошад. Дар ин ҷода, нашрияи "Минбари ҳуқуқшинос" мавқеи устувор дорад.

Аз ҷиҳати дигар, андеша сари он кардан лозим, ки матбуот низ ба раванди технологии паҳн намудани иттилоъ худро мутобиқ сохта, сомонаҳои худро дар Интернет фаъол сохтааст. Чунин фаъолиятро аз саҳифаҳои иҷтимоии нашрияи "Минбари ҳуқуқшинос" мушоҳида кардан имконпазир аст. Нашрия ҳамқадами замон буда, дар ду ҷабҳа фаъолияти густурдаро ба роҳ мондааст, ки кори саҳл нест. Чунин заҳмату талошҳои ҳайати таҳририяро қадр карда, ба эшон тансиҳатӣ, саодатмандӣ ва болидарӯҳиро таманно менамоям.

**Фазлиддин ШАРИФЗОДА**
**и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ**



Нашрияи "Минбари ҳуқуқшинос" имрӯз ҳамчун рӯзномаи бисёртиража дар қисмате барои мутахассисони ҷавон нигаронида шудааст. Чунки мақсади фаъолияти нашрия баланд бардоштани неруи зеҳнии на танҳо омӯзгорон ва кормандон, балки донишҷӯён махсуб меёбад.

"Минбари ҳуқуқшинос" нашрияест, ки барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии донишҷӯён, устувор гардидани қалами онҳо, пайдо кардани тасаввуроти мукаммал оид ба ҳодисаву воқеаҳои сиёсию ҳуқуқӣ, ба миён омадани эҳсоси ватандӯстӣ дар ботини онҳо кӯмак менамояд.

Дар ин самт, ба устодони факултет, ки дар асоси фаъолияти ҷамъиятӣ кори нашрияро пеш мебаранд, бурдбориҳо хоҳонам!

# «МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС» – МАКТАБИ БУЗУРГИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚШИНОСОНИ ЭҶОДКОР





**Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА**
**мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, дотсент, сармуҳаррири рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар солҳои 2014-2018**

Соли 2012 буд. Камина пас аз хатми факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо дипломи аъло тибқи қарори комиссияи тақсимоти давлатӣ ҳамчун ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба кор қабул шудам. Он замон декани факултет Эмомалӣ Насриддинзода ва мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Бахтовар Сафарзода буданд.

Эмомалӣ Насриддинзода, ки замони хатми мо декани тозатаъин буданд, пайваста аз пайи навгониҳо кӯшишу заҳмат мекашиданд. Ташкили рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» низ аз ҷумлаи навгониҳои бузурги давраи фаъолияти ӯ ба ҳайси декан ба ҳисоб меравад.

Ман аз овони донишҷӯӣ дар рӯзномаҳои донишгоҳии «Ба қуллаҳои дониш» ва «Ҳуқуқшинос» мақолаҳо чоп мекардам, зеро бо нони бо нӯги қалам, яъне пешаи омӯзгориву рӯзноманигорӣ бузург шудану аз ин соҳа дур будан имконнопазир аст. Тахминан моҳҳои январ-феврали соли 2013 декани факултет Эмомалӣ Насриддинзода маро ба утоқи кориаш даъват карда, пешниҳод намуданд, то аъзои ҳайати таҳририя, яъне муҳарририи рӯзномаро ба зимма гирам. Ростӣ ин таклиф барои ассистенти кафедра, ки соли якуми кориаш ҳасту ҳамагӣ панҷ моҳ пештар дар факултет ба кор шуруъ намудааст, ифтихор ва шарафи бузург буд. Дар қатори номзадҳо ва докторони илм, мудирони кафедраҳо ва устодони варзида пешниҳод шудани номзадии як нафар ассистенти ҷавон низ ба ҳайати таҳририяи рӯзномаи яке аз факултетҳои овозадор, ки ба истилоҳ факултети рақами яки донишгоҳ ва ҷумҳурӣ буд, хеле падидаи нодир дар таърихи ин боргоҳи илму маърифат ба ҳисоб мерафт. Ин хоҳиши устодро чун супориш пазируфтам ва ба омода намудани рӯзнома шуруъ намудем. Сармуҳаррири рӯзнома номзади илмҳои филологӣ, дотсент, устод Саъдӣ Маҳдӣ таъин гардид.

Ҳамин тариқ, бо заҳмату талоши зиёди коллективи факултет ва дастгирии ректори онвақта Муҳаммадюсуф Имомзода рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» таърихи 28-уми феврали соли 2013 аз қайди вазорати фарҳанги ҶТ гузашт ва нахустин шумораи он санаи 19-уми марти соли 2013 дар арафаи таҷлили Наврӯз дар ДМТ ба нашр расид ва дар саҳни «Шаҳраки донишҷӯён» ба устодону донишҷӯён тақсим гардид.

Баъд аз як соли фаъолият ба ҳайси муҳаррир ва омӯхтани таҷрибаи устодон ва тарзи ба нашр омода намудани рӯзнома соли 2014 камина ба ҳайси сармуҳаррири рӯзнома таъин гардидам ва то соли 2018 ин вазифаро иҷро намудам. Дар ин миён Дилшод Раҳмон соли 2016 декани факултет таъин гардиданд, ки саҳми ӯ дар рушду нумуи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ва факултет хеле бузург аст. Бавижа дар давраи роҳбарии Дилшод Раҳмон рӯзнома соҳиби утоқи нави корӣ гардид. Солҳои 2022-2023 декании факултетро Нурулло Қурбонализода – ҷавони аз лиҳози сиёсӣ пӯхтаву расида ба уҳда доштанд, ки ӯ низ ба кормандони идораи рӯзнома таваҷҷуҳ ва эҳтироми вижа қоил буданд. Соли 2023 Парвон Мирзозода масъулияти вазнини деканиро ба зимма гирифтанд. Парвон Мирзозода солҳои тулонӣ дар вазифаҳои гуногуни факултет – ассистент, муаллими калон, дотсенти кафедра, муовини декан, мудири кафедра фаъолият намудааст ва аз тамоми нозукиҳои кори таълиму тарбия хуб огоҳ аст.

Зикри ин нукта басо муҳим аст, ки тӯли 10 соли мавҷудияти рӯзнома деканҳои факултет (Насриддинзода Э.С., Раҳмон Д.С., Қурбонализода Н.Ш., Мирзозода П.З.) барои рушду нумуи рӯзнома, ташвиқу тарғиби ҷавонон барои навиштани матлабҳо, босифат нашр шудан, дарёфти роҳу воситаҳои чоп ва дигар масъалаҳои ташкилии он саҳми назаррас гузоштаанд. Умед дорем, ки дар давраи роҳбарии Парвон Мирзозода барои идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», ки оинаи факултет, муаррифгари факултет ва донишгоҳ ба ҳисоб меравад, расман як воҳиди корӣ ҷудо мегардад. Зеро дар тӯли 10 соли мавҷудияти рӯзнома он дар асосҳои ҷамъиятӣ пеш бурда мешавад. Дар ин давра кормандони «Минбари ҳуқуқшинос» содиқонаву софдилона заҳмат кашида, сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар амал татбиқ намудаанд. Идораи рӯзнома дар самти пеш бурдани корҳои идеологӣ, рост намудани қалами шогирдон, такмили маҳорати эҷодии донишҷӯён, нашри мақолаҳои ватандӯстона, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ саҳми назаррасси худро гузоштаанд.

Таърихро беғаразтарин довар гуфтаанд. 10 соли мавҷудияти рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» нишон дод, ки он мактаби бузурги тарбияи ҳуқуқшиносон, махсусан олимону муҳаққиқони варзида ва сиёсатмадорон ба ҳисоб меравад. Агар ба таърихи 10 сол пеш назар афканем, он шахсоне, ки ба ҳайси муҳаррир ё ҳайати таҳририяи рӯзнома фаъолият намуда буданд, имрӯз дар вазифаҳои масъули шохаҳои ҳокимияти давлатӣ кору фаъолият менамоянд.

Имрӯз бо дастгирии ректори ДМТ, профессор Қобилҷон Хушвахтзода, ки суханпарвар асту аз дудмони омӯзгор рӯидаву сабзидааст, рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар вазорати фарҳанги ҶТ аз нав ба қайд гирифта шуда, соҳиби шаҳодатномаи нав гардид ва пайваста бо сифати баланд ба нашр мерасад.

10 соли фаъолияти мактаби бузурги тарбияи ҳуқуқшинсон – «Минбари ҳуқуқшинос» муборак бошад!



# НАВРӮЗ – ҶАШНИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

**Манижаи БАҲОДУР**
**донишҷӯи соли 4**



Яке аз ҷашнҳои қадимтарини миллии мо, ки ба умқи таърих мерасад Наврӯз аст ва бо ин ҳама бузургии худ то ба ҳол мавқеи худро аз даст надодааст. Маҳз ҳамин бузургии Наврӯз ва фарҳангсолории миллати тоҷик аст, ки то ин дам мақому манзалати хоси худро нигоҳ доштааст.

Ҷашни Наврӯз яке аз суннатҳои писандидаву инкишофёфта ва неки тоҷикон аст, ки пайдоиш, густариш ва мақому манзалаташ дар фарҳанги ниёгон таърихи шаш ҳазорсола дорад. Ҳанӯз аз замони подшоҳии шоҳ Ҷамшед, ки Наврӯз аз он сарчашма мегирад бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта мешуд. Гузаштагони мо Наврӯзро бо шодиву сурури беинтиҳо пешвоз гирифта, ба истиқболаш дастархони пур нозу неъмат меоростанд. Зеро, Наврӯз ифодагари арзишҳои миллӣ ва суннату анъанаҳои қадимаи тоҷикон маҳсуб гашта, марҳилаи зиёди пурпечутобро убур намуда, то замони мо расидааст.

**Шукрона ТАХИРИ**
**донишҷӯи соли 2**

Боиси ифтихор аст, ки бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби ташкилоти умумиҷаҳонии ЮНЕСКО Наврӯз ҳамчун мероси ғайримоддии фарҳанги башарият пазируфта шуд.

Яке аз унсурҳои ҷашни наврӯз, ки ба тарзи анъана идома меёбад, ин ба бар кардани либоси миллӣ мебошад.



Либоси миллӣ ҳусни духтари тоҷикро афзуда, дар баробари ин, заминаи мусоид барои аз байн нарафтани расму оин ва фарҳангу тамаддун мегардад. Фарҳанги зебои тоҷиконаро канор гузошта, тақлид ба фарҳанги бегона кардан ҷойи таассуф аст.

Дар яке аз вохӯриҳояшон бо ҷавонон Пешвои миллат ёдрас карданд, ки: «Агар дар арсаи ҷаҳон миллатеро аз байн бурдан хоҳанд, аввал фарҳанг, пасон забонашро аз байн мебаранд». Аз ин лиҳоз, мо ҷавонон дар замири худ худшиносӣ ва ифтихори миллиро ҷой дода, бахри пос доштани фарҳанги бою ғании ниёгони худ кӯшиш ба харҷ медиҳем.

**Мавзунаи САИДШО**
**донишҷӯи соли 2**



Наврӯз – таҷассумгари ҳастии таърихи рӯзгори маънавии миллати бостонии мост. Он рамзи таҷдиди табиат, покизагии рӯҳ ва оғози ҳаёти нав аст. Ҷашнест, ки наслҳоро бо наслҳо, гузаштаро ба ҳозира ва ҳозираро ба оянда мепайвандад.

19 феврали соли 2010 Маҷмааи умумии СММ доир ба рӯзи ҷаҳонии Наврӯз қатъанома қабул кард. Дар ин қатъанома омадааст, ки ҳар давлати узви СММ бояд барои рушду такомул ва ҷашнгирии Наврӯз дар кишвараш ҷаҳду талош варзад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба қабул шудани ин қатъанома чунин иброз намуданд: «Вақте ки ин хабарро шунидем, ба худ гуфтам: ҳама орзуву омоли башардӯстонаи ниёгони мо, ки дар Наврӯзи ҷаҳонафрӯз таҷассум ёфтааст, ниҳоят дастраси оламиён гардид». Воқеан, дар муаррифии ин ҷашни бузурги миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ нақши Пешвои миллат бағоят арзишманд аст.

**Дилором АБДУЛЛОЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Ниёгони мо аз қадим ҷашну маросимҳои зиёде доро буда, онҳоро дар тӯли таърих бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил менамуданд. Наврӯз яке аз ин ҷашнҳои бостонии мардуми тоҷик ба шумор меравад. Ҳамасола, 21-март рӯзи Наврӯз ҷашн гирифта мешавад. Имсол ин ҷашни бузург бо як рангу бӯйи тоза ба ҷумҳурии мо қадам гузошт.



**Хуршеди оламафрӯз**
**бидҳад саломи Наврӯз,**
**Бин, боди бомдодӣ орад**
**паёми Наврӯз.**

Омад-омади ҷашни Наврӯз ба ҳама хурсандӣ мебахшад. Ҷашни Наврӯз барои миллати тоҷик ҳам шиноснома ва ҳам сарнавишт мебошад, чунки ниёгони мо дар давраҳои гуногуни таърихӣ барои ҳифзу пойдории ин ҷашн ҷонисориҳо анҷом додаанд. Аз ин лиҳоз, ҳифзи ин арзиши муқаддас барои давлатдории миллии мо ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

**Нафаси тозаи Наврӯз**
**муборак бошад,**
**Ҷашни фархундаи**
**фирӯз муборак бошад.**

**Муҳаммадсабур ШУҲРАТЗОДА**
**донишҷӯи соли 3**



Наврӯз вожаи тоҷикӣ буда маънои рӯзи нав, тоза, рӯзи нахустинро дорад. Мутобиқи тақвими аҷдодиамон ва низоми ҳаракати сайёраҳо 21 март шабу рӯз баробар шуда, рӯзи аввали баҳор Наврӯз фаро мерасад.

Дар даврaи Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Наврӯз шукӯҳу таҷаллои тоза пайдо намуд ва мо тоҷикон ин ҷашнро ҳамчун мероси муқаддастарини ниёгонамон ва ҷашни покиу зебоӣ дар фазои истиқлолу ваҳдат бо шукргузорӣ аз суботу оромии мамлакати худ, таҷлил менамоем.